**АКАДЕМИЯИ МИЛЛИИ ИЛМҲОИ ТОҶИКИСТОН**

**ИНСТИТУТИ ФАЛСАФА, СИЁСАТШИНОСӢ ВА ҲУҚУҚИ БА НОМИ А.М. БАҲОВАДДИНОВ**

*Бо ҳуқуқи дастнавис*

**ТБК 67.99 (2 тоҷик)**
**ТДУ 34 (575.3)**
**Р – 45**

**Раҳимзода Фирӯза Маҳмад**

# МАНФИАТИ ОИЛАВӢ ДАР МУНОСИБАТҲОИ ҲУҚУҚИИ МОЛУМУЛКИИ ҲАМСАРОН

**АВТОРЕФЕРАТИ**
диссертатсия барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ аз рӯйи ихтисоси 12.00.03. – Ҳуқуқи гражданӣ; ҳуқуқи соҳибкорӣ; ҳуқуқи оилавӣ; ҳуқуқи байналмилалии хусусӣ.

**Душанбе – 2025**

Диссертатсия дар шуъбаи ҳуқуқи хусусии Институти фалсафа, сиёсатшиносӣ ва ҳуқуқи ба номи А.М. Баҳоваддинови Академияи миллии илмҳои Тоҷикистон иҷро карда шудааст.

**Роҳбари илмӣ:** **Маҳмудзода Маҳкам Аъзам** – академики АМИТ, доктори илмҳои ҳуқуқшиносӣ, профессор, Ҳуқуқшиноси шоистаи Тоҷикистон.

**Муқарризони расмӣ:** **Имомзода Нилуфар Маҳмадюсуф** – моувини раиси Кумитаи қонунгузорӣ ва ҳуқуқи инсони Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон, доктори илмҳои ҳуқуқшиносӣ, дотсент;
**Қодирқулов Хуршед Раҳмонович** – номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ, дотсенти кафедраи ҳуқуқи байналмилалии факултети ҳуқуқшиносии Донишгоҳи миллии Тоҷикистон.

**Муассисаи пешбар:** **Академияи идоракунии давлатии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон**.

Ҳимояи диссертатсия «01» июли соли 2025, соати 09:00 дар ҷаласаи Шурои диссертатсионии 6D.КОА-018-и назди ДМТ (734025, ш.Душанбе, кӯч. Буни Ҳисорак, бинои 11, толори Шурои диссертатсионии факултети ҳуқуқшиносӣ) баргузор мегардад.

Бо муҳтавои диссертатсия тавассути сомонаи www.tnu.tj ва дар китобхонаи марказии ДМТ (734025, ш. Душанбе, хиёбони Рӯдакӣ, 17) шинос шудан мумкин аст.

Автореферат «____» ___________ соли 2025 тавзеъ шудааст.

**Котиби илмии**
**Шурои диссертатсионӣ,**
**номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ, дотсент** **Қодиров Н.А.**

# МУҚАДДИМА

**Мубрамии мавзӯи таҳқиқот.** Дар Ҷумҳурии Тоҷикистон зиёда аз 1578620 [8, с. 6] хонавода зиндагонӣ мекунанд, ки дар навбати худ ҳар як хонавода метавонад аз як ё якчанд оила иборат бошад. Оила дар ҳамагуна ҷамъият омили муҳими рушди он ба ҳисоб меравад. Аз ин ҷо, барои давлат ва ҷомеа оила бетафовут набуда, ҳамчун асоси ҷамъият ҳимояи он дар сатҳи Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон таъмин карда мешавад (м. 33). Ворид намудани ҳимояи оила дар сатҳи муқаррароти конститутсионӣ ва эътирофи мустаҳкам намудани асосҳои ҳуқуқии оила дар қонунгузории оилавӣ ва маданӣ аз аҳамияти манфиатҳои он шаҳодат медиҳад. Чи тавре, ки дар банди 57 Консепсияи рушди оила дар Ҷумҳурии Тоҷикистон, ки бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 декабри соли 2015, №801 тасдиқ шудааст, қайд гардидааст «яке аз заминаҳои сиёсию ҳуқуқии рушди оила таҳияи санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ ва такмили қонунгузории мавҷуда вобаста ба ҳифзи манфиатҳои оила ва аъзои он бо назардошти хусусиятҳои марҳилаи муосири рушди ҷомеа мебошад» [10, с.221].

Оила ҳамчун ниҳоди иҷтимоию ҳуқуқӣ дорои манфиати ғайримолумулкӣ ва молумулкӣ мебошад. Дар байни манфиатҳои зикршуда, масъалаҳои ҳифзи манфиати молумулкии ҳамсарон вобаста бо мураккабии махсуси худ фарқ менамояд. Зеро, онҳо ба дигар соҳаҳои ҳуқуқ, аз он ҷумла ҳуқуқи маданӣ ва соҳибкорӣ ва институтҳои онҳо, бахусус ҳуқуқи моликиятӣ, соҳибҳуқуқӣ, қарз, кредит, шартномаи пасандози бонкӣ, уҳдадориҳои кредитии ҳамсарон, ҳуқуқи меросӣ ва ғ. дар алоқамандии зич қарор доранд. Омӯзиш ва таҳқиқи онҳо дар алоқамандӣ барои ҳифзи манфиати ҳар як аъзои оила ва манфиати умумиоилавӣ аз аҳамият холӣ набуда, барои такмили қонунгузорӣ дар ин ҷода мусоидат хоҳад кард. Чи тавре, ки Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, Пешвои миллат, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон рӯзи 28 декабри соли 2023 дар Паёмашон ба Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон “Дар бораи самтҳои асосии сиёсати дохилӣ ва хориҷии ҷумҳурӣ” баён намуданд: «Таъмин намудани рушди устувор ва босуръати кишвар танзими ҳуқуқии саривақтӣ ва ҳамаҷонибаро талаб менамояд. Қонунгузорӣ бояд пайваста такмил дода шавад ва ҳамқадами ислоҳоти сиёсӣ, иқтисодӣ, иҷтимоӣ ва фарҳангӣ бошад» [2].

Бояд зикр намуд, ки дар шароити рушди иҷтимоию иқтисодии ҷомеа проблемаҳое, ки оид ба амалигардонии манфиатҳои оилавӣ дар ҷодаи муносибатҳои ҳуқуқии молумулкии ҳамсарон, моликияти якҷоя ва алоҳидаи онҳо, ҳангоми ҷудонамоӣ ва тақсими моликият ва молу мулки онҳо, инчунин ҳифзи манфиати оилавӣ дар муносибатҳои қарзӣ ва ҳуқуқи уҳдадории ҳамсарон бавуҷуд меоянд, мубрамияти махсус пайдо менамоянд. Оила на танҳо дорои манфиати умумӣ, балки аз манфиатҳои алоҳидаи аъзои он иборат мебошад. Манфиатҳои мазкур сифатан ва мазмунан метавонанд аз ҳамдигар фарқ намоянд. Зеро, оила дар муносибатҳои молумулкии ҳамсарон ба ҳайси субъекти манфиат баромад намуда, вале ба сифати субъекти ҳуқуқ эътироф карда намешавад. Манфиатҳои зикршуда, дар мавриди рушди муътадили муносибатҳои оилавӣ ба ҳамдигар мутобиқат намуда, дар дигар маврид метавонанд ба ҳамдигар мутобиқат накунанд. Аз ин ҷо омӯхтани механизми таъмини ҳуқуқии манфиатҳои молумулкии ҳамсарон, имконият медиҳад, ки восита ва тарзҳои самараноки ҳифзи манфиатҳои умумиоилавӣ дар қонунгузорӣ муайян ва амалӣ карда шаванд.

Дар Паёми Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон «Дар бораи самтҳои асосии сиёсати дохилӣ ва хориҷии ҷумҳурӣ» ба Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 23 апрели соли 2014 қайд карда шудааст, ки «Оила ҳамчун падидаи иҷтимоиву ҳуқуқӣ маҳаки асосии ҷамъиятро ташкил дода, дар сатҳи Конститутсияи кишвар барои ҳифзи он ва таҳти ғамхории махсуси давлат фаро гирифтани модару кӯдак аз ҷониби Ҳукумати кишвар ҳамаи чораҳои зарурӣ андешида мешаванд» [1]. Аз ин ҷо масъалаи манфиати оилавии ҳимояшаванда на танҳо манфиати хусусии аъзои алоҳидаи оила, балки манфиати умумӣ низ мебошад. Аз ҳифзи онҳо рушди устувори оила, давлат ва ҷамъият вобастагии зич дорад. Барои ҳамин ҳам мавҷудияти манфиати умумиоилавиро бояд ба назар гирифта, амалишавӣ ва ҳимояи онро дар сатҳи принсипҳои ҳуқуқ таъмин намудан лозим аст.

Оила ниҳоди иҷтимоӣ - ҳуқуқие мебошад, ки мутаҳидшавии аъзои он боиси бавуҷдоии ҳуқуқ ва уҳдадориҳои мутақобила нисбат ба ҳар яке аз онҳо мегардад. Чунин ҳолат зарурати таъмини ҳифзи манфиатҳои ба оила хосро ҳамчун низоми ягона нишон медиҳад. Аммо мавзӯи марбут ба баррасии манфиати оила ҳамчун унсури

мустақили ҳифзи ҳуқуқӣ то ҳол дар доираи пажӯҳишҳои илмии ҳуқуқи оилаи тоҷик ба таври кофӣ мавриди таҳқиқ қарор дода нашудааст. Ба таври кофӣ мавҷуд набудани таваҷҷуҳ ба ин проблемаро метавон бо он шарҳ дод, ки дар таҷрибаи ҳуқуқии Тоҷикистон оила на ҳамчун як сохтори ягонаи дорои манфиатҳои умумӣ, балки пеш аз ҳама ҳамчун маҷмӯи иштирокчиёни алоҳидаи дорои ҳуқуқ ва уҳдадориҳои инфиродӣ фаҳмида мешавад. Дар натиҷа масъалаи ҳифзи манфиатҳои муштараки оилавӣ, ки ҳам ҷанбаҳои моддӣ (молумулкӣ) ва ҳам маънавиро фаро мегирад, нокифоя инкишоф ёфта, таҳлили амиқтарро тақозо мекунад. Таҳқиқотҳои мавҷудбудаи илмӣ бошад, бештар ба таҳлили баъзе ҷанбаҳои масъалаи мазкур равона шудаанд. Аз ин ҷо таҳқиқи назариявии амиқи он ба мо имконият медиҳад, ки хулосаҳо ва пешниҳодҳои илман асоснокро таҳия намуда, бо мақсади минбаъд беҳтар намудани қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон дар соҳаи ҳифзи манфиатҳои умумиоилавӣ истифода намоем.

Ҳамин тавр, ҳамаи далелҳои овардашуда аҳамияти илмӣ-амалӣ доштани диссертатсияро муайян намуда, имконият медиҳад ба хулоса оем, ки проблемаи мазкур бо таври кифоя дар соҳаи ҳуқуқи оилаи тоҷик мавриди таҳқиқ қарор дода нашудааст ва зарурияти интихоби кори диссертатсиониро муайян менамояд.

**Дараҷаи таҳқиқи мавзуи илмӣ:** Масъалаи манфиати оилавӣ дар муносибатҳои ҳуқуқии молумулкии ҳамсарон предмети таҳқиқоти илмии махсуси комплексӣ ва назариявӣ дар илми ҳуқуқи тоҷик қарор дода нашудааст. Дар илми ҳуқуқи оилавии Россия ҷабҳаҳои гуногуни манфиати оилавӣ дар муносибатҳои ҳуқуқии молумулкии ҳамсарон ҳам дар таҳқиқотҳои назариявӣ ва ҳам соҳавӣ, масалан, дар асарҳои Э.Я. Гладковская [13, 202 с], Ю.Г. Долгова [14, 178 с], О.Ю. Ильина [3, 192 с], Т.В. Шершень [22, 202 с.] ва дигарон мавриди омӯзиш қарор дода шудааст.

Дар Ҷумҳурии Тоҷикистон таҳлили алоҳида оид ба ин масъала вуҷуд надошта, таҳқиқоти илмии баъзе проблемаҳои манфиати оилавӣ дар муносибатҳои ҳуқуқии молумулкии ҳамсарон аз тарафи олимони зерин, ба монанди, Ф.М. Аминова [11, 57 с], И.Г. Ғаффорзода [12, 369 с], Н.М. Имомова [4, 205 с], М.С. Каландарзода [15, 175 с], Н.Ш. Қурбонализода [5, 174 с], М.А. Маҳмудзода [6, 160 с], М. Маҳмудзода, Б. Худоёрзода [7, 492 с], М.Ш. Саидзода [17, 57

с], И.С. Собирзода [16, 16 с], Ш. Тағойназаров [9, 91 с], С.Н. Тагаева [18, 374 с], С.В. Урунова [19, 37 с], Б.Т. Худоёрзода [20, 191 с], Ҳ.Н. Ҳимматов [21, 194 с] ва дигарон анҷом додаанд. Саҳми олимони номбаркардашуда дар рушди ҳуқуқи илми муосири ватании тоҷик дар соҳаи манфиати оилавӣ дар муносибатҳои ҳуқуқии молумулкии ҳамсарон баҳснопазир мебошад. Аммо дар корҳои илмии онҳо асосан масъалаҳои умумии манфиати оилавии аъзои оила мавриди таҳқиқ қарор дода шудаанд, вале масъалаҳои мафҳум ва моҳияти манфиати ҳуқуқии оилавӣ, манфиати оилавӣ дар муносибатҳои ҳуқуқии моликияти ҳамсарон (зану шавҳар), манфиати оилавӣ ҳангоми амалинамоии моликияти якҷояи ҳамсарон, ҷудонамоии моликияти умумӣ ва алоҳидаи ҳамсарон, тақсими молу мулки ҳамсарон, иҷрои уҳдадориҳои қарзии ҳамсарон ва амалисозии ҳуқуқҳои кредитории ҳамсарон аз доираи таҳқиқоти онҳо берун мондаанд.

Ҳамин тавр, кори диссертатсионии мазкур яке аз аввалин кӯшиш оид ба анҷом додани таҳқиқоти маҷмӯии назариявии проблемаҳои манфиати оилавӣ дар муносибатҳои ҳуқуқии молумулкии ҳамсарон дар Ҷумҳурии Тоҷикистон мебошад.

**Робитаи таҳқиқот бо барномаҳо ва мавзуъҳои илмӣ.** Таҳқиқоти диссертатсионӣ дар доираи мавзуи илмӣ –таҳқиқотии шуъбаи ҳуқуқи хусусии Институти фалсафа, сиёсатшиносӣ ва ҳуқуқи ба номи А.М. Баҳоваддинови Академияи миллии илмҳои Тоҷикистон барои солҳои 2016-2020 «Такмили асосҳои ҳуқуқӣ–хусусии қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон» ва барои солҳои 2021-2025 «Назария ва амалияи батанзимдарории ҳуқуқии муносибатҳои хусусӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон» иҷро карда шудааст. Яке аз мақсадҳои ин барномаҳо таҳлили асосҳои назариявӣ ва ҳуқуқии муносибатҳои оилавӣ дар қонунгузории амалкунанда ва рушди онҳо дар Ҷумҳурии Тоҷикистон ба ҳисоб меравад.

## ТАВСИФИ УМУМИИ ТАҲҚИҚОТ

**Мақсади таҳқиқоти диссертатсионӣ.** Мақсади таҳқиқоти диссертатсионӣ аз таҳлили рушди қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон ва таҳқиқи комплексии назариявии проблемаҳои манфиати оилавӣ дар муносибатҳои ҳуқуқии молумулкии ҳамсарон

дар ҳуқуқи оилавӣ, инчунин таҷрибаи ҳуқуқтатбиқкунӣ дар ин самт иборат мебошад.

**Вазифаҳои таҳқиқот.** Бо дарназардошти мақсадҳои зикршуда дар доираи таҳқиқоти мазкур вазифаҳои зерин гузошта шудааст:

– тавсифи хусусиятҳои оила ҳамчун сохторе, ки ҷанбаҳои иҷтимоӣ ва ҳуқуқиро муттаҳид мекунад;

– омӯзиши хусусият ва таркиби манфиатҳои ҳуқуқие, ки ба муносибатҳои оилавӣ хосанд;

– шарҳи хусусиятҳои реҷаи ҳуқуқии молу мулки зану шавҳар;

– баррасӣ намудани манфиатҳои оилавӣ дар доираи амалӣ кардани ҳуқуқи моликияти умумии зану шавҳар;

– муайян намудани хусусиятҳои манфиатҳои оилавӣ ҳангоми ҷудо кардани моликияти якҷоя ва инфиродии ҳар як зану шавҳар;

– омӯзиши ҳифзи манфиати оилавӣ ҳангоми тақсими молу мулки якҷояи ҳамсарон;

– баҳои воситаҳои ҳуқуқие, ки ҳифзи манфиатҳои оилавиро ҳангоми иҷрои уҳдадориҳои қарзии ҳамсарон таъмин менамоянд;

– таҳлили таъсири талаботҳои кредиторон ба имконияти амалинамоии манфиати оилавӣ;

– пешниҳоди таклифҳо дар барои такмили қонунгузории оилавии Ҷумҳурии Тоҷикистон.

**Объекти таҳқиқот.** Объекти таҳқиқоти диссертатсионии мазкур муносибатҳои ҷамъиятие мебошанд, ки оид ба муайян кардани манфиати оилавӣ дар муносибатҳои ҳуқуқии молумулкии ҳамсарон бавуҷуд меоянд.

Объекти таҳқиқот ба мавзӯи диссертатсия мувофиқ буда, таҳқиқи молу мулки умумӣ (якҷоя, ҳиссагӣ) ва алоҳидаи ҳамсаронро ҳангоми амалӣ намудани манфиати умумиоилавии онҳо дар бар мегирад.

**Мавзӯи таҳқиқот.** Мавзӯи таҳқиқоти диссертатсионӣ аз таҳлил ва омӯзиши манфиати умумиоилавӣ дар муносибатҳои молумулкии ҳамсарон ва бо иштироки онҳо, инчунин муайян кардани чунин манфиатҳо дар амалияи ҳуқуқтатбиқкунӣ мебошад.

**Марҳила, макон ва давраи таҳқиқот.** Таҳқиқоти диссертатсионӣ марҳилаҳои тасдиқ, омоданамоии диссертатсия, муҳокимаи он дар шуъбаи ҳуқуқи хусусӣ ва Шӯрои илмии Институти фалсафа, сиёсатшиносӣ ва ҳуқуқи ба номи

А.М.Баҳоваддинови Академияи миллии илмҳои Тоҷикистонро фаро гирифта, барои ҳимоя тавсия карда шудааст. Давраи анҷоми таҳқиқоти диссертатсионии мазкур фарогири солҳои 2019-2024 буда, макони амалисозии он Ҷумҳурии Тоҷикистон мебошад.

**Асосҳои назариявии таҳқиқот.** Асосҳои назариявии таҳқиқотро корҳои илмӣ-назариявии олимони ватанӣ ва хориҷӣ ташкил медиҳанд. Аз ҷумла: Г.Н. Алиханова, Ф.М. Аминова, М.В. Антополская, И.Ҳ. Бобоҷонзода, Е.М. Ворожейкин, Е.И. Гладковская, Ш.К. Ғаюрзода, И.Ғ. Ғаффорзода, А.Г. Диденко, Ю.А. Долгов, Н.М. Ершова, Н.М. Имомова, О.Ю. Ильина, М.С. Қаландарзода, Н.Қ. Қурбонализода, Г.А. Кузнетсова, М.А. Маҳмудзода, У.А. Меликов, Ш. Менглиев, А.М. Нечаева, В.А. Ойгензихт, М.З. Раҳимзода, О.Э. Раҳмон, В.А. Рясентсев, М.Ш. Саидзода, И.С. Собирзода, С.Н. Тағоева, Ш.Т. Тағойназаров, О. Усмонов, С.В. Урунова, Е.А. Чефранова, Т.В. Шершень, С. Холмаҳмадзода, Ҳ.Н. Ҳимматов, А.Ғ. Холиқзода, Б.Т. Худоёрзода ва дигарон.

**Асосҳои методологии таҳқиқот.** Асосҳои методологии таҳқиқотро усулҳои умумиилмӣ ва хусусии таҳқиқот ба монанди таърихӣ-ҳуқуқӣ, муқоисавӣ-ҳуқуқӣ, расмӣ-ҳуқуқӣ, эмпирикӣ, функсионалӣ (диалектикӣ, мунтазам, таҳлил, синтез, қиёс, дедуксия, индуксия, мушоҳида, такмилдиҳӣ), анъанавии ҳуқуқӣ (мубрамиятӣ, мантиқӣ, ретроспективӣ) истифода шудаанд.

**Заминаи эмпирикии таҳқиқот.** Заминаи эмпирикии таҳқиқотро маводи аз ҷониби муаллиф мураттабкардашуда оид ба ҳолат ва дурнамои ҳифзи манфиати оилавӣ дар муносибатҳои молумулкии ҳуқуқии оилавии ҳамсарон дар Ҷумҳурии Тоҷикистон ва натиҷаи амалияи судӣ ташкил медиҳад.

Хислати комплексӣ доштани мавзӯи таҳқиқотии манфиати оилавӣ дар муносибатҳои молумулкии ҳуқуқии оилавии ҳамсарон гуногунҷабҳа будани вазифаҳои зикркардашударо муайян намуда, боиси мурочиат кардан ба сарчашмаҳои гуногуни ба ин ё он ҷабҳаи таҳқиқот дахлдошта, аз ҷумла Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон, санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ, ҳам амалкунанда ва ҳам эътиборашро гум кардаи танзимкунандаи бавуҷудоӣ ва рушди институти манфиати оилавӣ дар муносибатҳои молумулкии ҳуқуқии оилавии ҳамсарон, инчунин таҳлили санадҳои меъёрии ҳуқуқии

байналмилалии эътирофнамудаи Тоҷикистон ва истифодаи паёмҳо ва баромадҳои Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ, Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон, консепсияҳо, ҳуҷҷатҳои стратегӣ ва барномавӣ гардид.

**Навгонии илмии таҳқиқот.** Зарурияти объективии таҳқиқоти диссертатсионӣ омӯзиши ҷабҳаҳои гуногуни манфиати оилавӣ дар муносибатҳои ҳуқуқии молумулкии ҳамсарон дар Ҷумҳурии Тоҷикистон бо мақсади таҳлили асосҳои ҳуқуқӣ ва амалӣ намудани он иборат мебошад.

Дар асоси таҳқиқоти анҷомдодашуда консепсияи назариявии мукаммал дар бораи таносуб ва алоқамандии манфиати аъзои алоҳидаи оила ва алоқамандии он бо манфиати умумиоилавӣ таҳия карда шудааст.

Дар натиҷаи омӯзиш ва таҳлили андешаҳои гуногуни олимон, инчунин қонунгузорӣ ва маводи амалия таклифҳо оид ба такмили қонунгузории оилавӣ ва мадании Ҷумҳурии Тоҷикистон пешниҳод карда шуданд.

**Нуктаҳои ба ҳимоя пешниҳодшаванда.**

I. Пешниҳодҳои хусусияти назариявидошта:

1. Дар шароити нави инкишофи муносибатҳои оилавӣ, бахусус вобаста ба зарурияти таъмини самараноки Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи танзими ҷашну маросим дар Ҷумҳурии Тоҷикистон» аз расман муайян кардани мафҳуми «оила» ва «ҳайати мушаххаси аъзоёни он» аз бисёр ҷиҳат татбиқи меъёрҳои ба қонунгузории соҳаи мазкур тааллуқдошта вобаста мебошад. Ҳамзамон, дар қонунгузории оилавӣ, аз он ҷумла дар Кодекси оилаи Ҷумҳурии Тоҷикистон низ бо таври мушаххас мафҳуми оила ва ҳайати аъзои он нишон дода намешавад. Таҳлили Кодекси оилаи ҶТ нишон медиҳад, ки ба ҳайати аъзои оила на танҳо хешовандони наздик (м.226 КМ ҶТ; м.м.2, 95-98 КО ҶТ) -падару модар, ҳамсар, фарзандон, бародару хоҳар, бобою бибӣ ва наберахо, балки «шахсони наздик», фарзандхондшудагон ва кӯдакони зери васигию парасторӣ қарордошта (боби 19-20 КО ҶТ) низ дохил мешаванд. Аз ин ҷо дар қонунгузории оилавӣ додани мафҳуми оила ва бо таври мушаххас муайян намудани аъзои он мувофиқи мақсад мебошад.

2.Асоснок карда мешавад, ки манфиатҳои молумулкии ҳамсарон вобаста ба оне, ки манфиати киҳоро дахл менамояд, ба ду

гурӯҳ ҷудо мешавад: манфиатҳое, ки тамоми оиларо фаро мегиранд ва манфиатҳое, ки ба аъзои алоҳидаи он дахл доранд. Манфиати тамоми оила бояд ҳамеша аз манфиатҳои шахсии ҳар як аъзои оила бартарӣ дошта бошад. Дар сурати мухолифати онҳо бояд ба ҳамсаре, ки ба манфиати тамоми оила амал мекунад, афзалият дода шавад. Ин аз он вобаста аст, ки оила бо вуҷуди надоштани мақоми субъекти мустақили ҳуқуқ дар низоми ҳуқуқ аҳамияти худро ҳамчун барандаи манфиатҳои умумӣ нигоҳ медорад. Ин тафовут хусусияти дугонаи оиларо нишон медиҳад: аз як тараф, он мустақилияти ҳуқуқӣ надорад, аз тарафи дигар, ҳамчун объекти асосие амал мекунад, ки манфиатҳои он афзалиятро талаб мекунанд. Аз ин ҷо таҳияи консепсияи ҳуқуқие зарур аст, ки имконият диҳад, ҳифзи оиларо ҳамчун субъекти манфиат таъмин намояд.

3. Дар шароити ҳозира баъзе объектҳои ҳуқуқи маданӣ, бахусус ҳуқуқи рақамӣ, пули рақамӣ (пули электронӣ), IP-суроға, интернет, сомона ва дигар ҳуқуқҳои молумулкӣ, ки дорои арзиши моддӣ мебошанд ва вобаста ба фазои маҷозӣ бавуҷуд меоянд, ҳамчун объекти молумулкии якҷояи ҳамсарон бо таври мушаххас дар Кодекси оилаи Ҷумҳурии Тоҷикистон муқаррар карда нашудааст. Ба ақидаи муаллиф муқаррар намудани онҳо дар Кодекси оилаи Ҷумҳурии Тоҷикистон метавонад бисёр масъалаҳои номуайяни тақсими молу мулки якҷояи ҳамсарон, аз ҷумла истифода ва ихтиёрдории онҳоро дар доираи оила ва аъзои он ба танзим дарорад.

4. Реҷаи ҳуқуқии молу мулки ҳамсарон ҳамчун маҷмӯи воситаҳои ҳуқуқие фаҳмида мешавад, ки меъёрҳои иҷозатдиҳӣ, манъкунӣ ва уҳдадориҳои мусбатро дар бар гирифта, имконияти истифодаи молу мулкро тибқи Қонун ва (ё) шартнома вобаста ба манфиати умумиоилавӣ ва манфиати алоҳидаи ҳар яке аз ҳамсарон ба танзим медарорад.

5. Асоснок карда мешавад, ки қарзи умумии ҳамсарон новобаста аз оне, ки кадоме аз ҳамсарон қарздор мебошанд, уҳдадории умумии якҷояи ҳамсарон мебошад. Аммо, дар қ.2 м.34 КО ҶТ қарз ба сифати объекти мустақили ҳуқуқи маданию оилавӣ ҳамчун предмети мустақили тақсими молу мулки ҳамсарон пешбинӣ карда нашудааст. Аз ин ҷо, пешниҳод карда мешавад, ки қарз ба ҳайси объекти мустақили моликияти якҷоя дар моддаи зикршуда пешбинӣ карда шавад.

6. Ҳисса (саҳм) дар Кодекси оила ба ҳайси моликияти якҷояи умумии ҳамсарон муқаррар карда нашудааст (қ.2 м.34 КО ҶТ). Вале, бояд зикр намуд, ки ба ҳамсарон ҳуқуқи он дода мешавад, ки тақсим кардани ҳисса (саҳм)-ро ҳамчун моликияти якҷояашон талаб намоянд (қ.4 м.38 КО ҶТ). Ба андешаи муаллиф, чунин ҳолат зарурати тариқи мушаххас муқаррар намудани ҳисса (саҳм)-ро дар сармояи оинномавии ширкат ва ҷамъият, ҳамчун моликияти якҷояи ҳамсарон талаб менамояд.

7. Ҳисса (саҳм) дар сармояи ширкату ҷамъиятҳои хоҷагӣ ба яке аз ҳамсарон, на ҳамчун ҳиссаи соҳибмулк, балки ҳамчун ҳиссаи муассис тааллуқ дорад. Аз ин ҷост, ки ҳамсари муассис дорои ҳуқуқ ба қисми фоида аз фаъолияти соҳибкорӣ мебошад. Вале ҳамсар, ки иштирокчӣ маҳсуб намеёбад, танҳо ҳуқуқи талаб кардани қисми даромад (фоида)-ро аз истифодаи моликияти умумии якҷояи онҳо дорад. Ихтиёрдорӣ кардани ҳисса дар сармояи ширкату ҷамъиятҳои хоҷагӣ бо розигии хомӯшонаи ҳамсари иштирокчӣ набуда, ба ақидаи муаллиф вайрон кардани кафолати манфиатҳои молумулкии охирон мебошад. Барои ҳамин ба андешаи муаллиф дар қонунгузорӣ дар шакли нотариалӣ муқаррарот оид ба гирифтани розигии ҳамсаре, ки муассис намебошад, ҳангоми истифодаи молу мулки умумии якҷояи онҳо аз ҷониби ҳамсари муассис муқаррар карда шавад.

8. Асоснок карда мешавад, ки молу мулки умумии ҳамсарон на танҳо аз моликияти умумии якҷояи ҳамсарон, балки аз дигар ашёҳо ва ҳуқуқҳои молумулкӣ низ иборат мебошад. Ҳамзамон, ҳамсарон дар шартномаи (аҳдномаи) никоҳ метавонанд доираи молу мулке (ҳуқуқҳои молумулкие)-ро пешбинӣ намоянд, ки метавонад танҳо ба яке аз онҳо тааллуқ дошта бошад. Аз ин ҷо «моликияти умумии якҷояи ҳасарон» ва «молу мулки ҳамсарон» аз ҳамдигар фарқ менамоянд. Вале ба омехта кардани ин мафҳумҳо дар м. 34 КО ҶТ роҳ дода мешавад, зеро дар қ. 2 модда сухан танҳо дар бораи молу мулки умумии якҷояи ҳамсарон ҳангоми заношӯӣ меравад. Мутаассифона, на танҳо дар қонунгузории оилавӣ, ҳатто дар қонунгузории маданӣ фарқияти онҳо муқаррар карда намешавад.

II. Пешниҳодҳои хусусияти амалидошта:

9. Бо мақсади мукаммал гардонидани қонунгузории оилавии Ҷумҳурии Тоҷикистон вобаста ба манфиати оилавӣ дар

муносибатҳои ҳуқуқии молумулкии ҳамсарон пешниҳод карда мешавад:

– дар Кодекси оилаи Ҷумҳурии Тоҷикистон мафҳуми зерини оила дода шавад:

«Оила иттифоқи озод, ихтиёрона ва баробарҳуқуқи зану шавҳари ба никоҳ, хешовандӣ, таваллуди фарзандон, фарзандхондӣ ва дигар шаклҳои қабули кӯдакон барои тарбия асос ёфтае эътироф карда шавад, ки бо ҳуқуқу уҳдадориҳои молумулкӣ ва шахсии ғайримолумулкӣ, зиндагии якҷоя ва хоҷагии умумӣ ба ҳам алоқаманд мебошанд»;

– дар қ.2. м.34 КО ҶТ қарз ва ҳисса (саҳм) бо таври мушаххас ҳамчун моликияти умумии якҷояи ҳамсарон пешбинӣ карда шавад;

– дар қ. 2 м.34 КО ҶТ ибораи «моликияти умумии якҷояи ҳамсарон» ба ибораи «молу мулки ҳамсарон» иваз карда шавад;

– қ.1 м.39 КО ҶТ дар таҳрири зерин ифода карда шавад:

«1. Ҳангоми тақсими молу мулки умумии ҳамсарон ва муайян намудани ҳисса (саҳм)-ҳо дар ин молу мулк ҳиссаи ҳамсарон баробар эътироф мешаванд, агар дигар муқаррарот дар шартномаи (созишномаи) байни ҳамсарон пешбинӣ нашуда бошад ва ба манфиатҳои оила мухолифат накунад.».

**Аҳамияти назариявии таҳқиқоти диссертатсионӣ.** Хулосаҳои дар таҳқиқоти илмии мазкур ба даст овардашударо дар мавриди гузаронидани корҳои илмӣ-таҳқиқотӣ дар бораи ҳимояи манфиати оила дар муносибатҳои ҳуқуқии молумулкии ҳамсарон бахшидашуда истифода бурдан мумкин аст. Натиҷаҳои таҳқиқот ҳамзамон метавонанд ҳамчун маводи корӣ барои машғулиятҳои лексионӣ ва семинарӣ аз фанни ҳуқуқи маданӣ ва ҳуқуқи оилавӣ истифода бурда шаванд.

**Аҳамияти амалии таҳқиқоти диссертатсионӣ**. Як қатор таклифҳои дар кор мавҷудбуда оид ба ворид намудани тағйироту иловаҳо ба қонунгузории амалкунандаи Ҷумҳурии Тоҷикистон, мавриди татбиқ гаштанашон ба мукаммал гардонидани танзими ҳуқуқии манфиати оила дар муносибатҳои ҳуқуқии молумулкии ҳамсарон мусоидат мекунанд, ки дар навбати худ ба иҷрои вазифаҳои хусусияти иҷтимоидоштаи давлат, барқарор намудани адолати иҷтимоӣ оварда мерасонад.

Хулоса ва таклифҳо ба омӯзиши таҷрибаи фаъолияти мақомоти давлатӣ, ташкилотҳо ва ҷамъбасти амалияи судӣ асос ёфтаанд.

**Дараҷаи саҳеҳияти натиҷаҳои таҳқиқот.** Саҳеҳияти натиҷаҳои таҳқиқот бо таҳлили объективӣ ва ҳаматарафаи нуктаҳои назариявӣ-методологии мавзӯи диссертатсия, мураттабсозӣ ва ҷамъбасти натиҷаҳои маъмули илмӣ, тавсифот, ақида ва тавсияҳои илмӣ-амалии муаллиф пешниҳоднамуда, мазмуни илмии таҳқиқот ва навгонии онҳо дар муқоиса бо дастовардҳои илмии мавҷуда, таҳлили ҳолати воқеӣ ва роҳҳои мукаммал гардонидани институти манфиати оила дар муносибатҳои ҳуқуқии молумулкии ҳамсарон тасдиқ мегардад.

**Мувофиқати диссертатсия ба шиносномаи илмии ихтисос.** Диссертатсия ба шиносномаи илмии ихтисос, ки Комиссияи Олии Аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон тасдиқ кардааст 12.00.03 – ҳуқуқи маданӣ; ҳуқуқи соҳибкорӣ; ҳуқуқи оилавӣ; ҳуқуқи байналмилалии хусусӣ мувофиқат мекунад.

**Саҳми шахсии унвонҷӯйи дараҷаи илмӣ.** Саҳми шахсии муаллифи диссертатсия бо дараҷаи навовариҳои илмии мазмуни кори ба ҳимоя пешниҳодшуда, мақолаҳои илмӣ ва маърузаҳо дар семинарҳои назариявӣ ва конфронсҳои илмӣ-амалӣ тасдиқ меёбад. Ҳамчунон сабки баён ва гузориши проблемаҳо ба саҳми шахсии диссертант ишора мекунанд.

**Тасвиб ва амалисозии натиҷаҳои таҳқиқот.** Диссертатсия дар шуъбаи ҳуқуқи хусусии Институти фалсафа, сиёсатшиносӣ ва ҳуқуқи ба номи А.М. Баҳоваддинови Академияи миллии илмҳои Тоҷикистон омода, муҳокима, муқарризӣ ва ба ҳимоя тавсия шудааст. Тасвиби натиҷаҳои таҳқиқот давра ба давра, бо таҳия ва ҳалли проблемаҳои муайяни кори диссертатсионӣ гузаронида шудааст.

Мазмуни асосии диссертатсия ва хулосаҳои назариявии муаллиф дар конфронсҳои илмӣ-амалии байналмилалӣ ва ҷумҳуриявӣ, ҳамоиш ва семинарҳои илмии зерин ҳамчун маърӯза пешниҳод гаштааст:

– конференсияи ҷумҳуриявии илмию назариявии ҳайати устодони кафедраи ҳуқуқи соҳибкорӣ ва тиҷоратии факултети ҳуқуқшиносии Донишгоҳи миллии Тоҷикистон бахшида ба «75-солагии Донишгоҳи миллии Тоҷикистон», «115-солагии академик

Бобоҷон Ғафуров», «Соли 2023-Соли забони русӣ» ва «Соли 2025-Соли байналмиллалии ҳифзи пиряххо». Маърӯза дар мавзӯи: «Доир ба баъзе масъалаҳои манфиати оилавӣ ҳангоми иҷрои уҳдадориҳои қарзии ҳамсарон» (ш. Душанбе, 24 апрели соли соли 2023);

– 11-юмин конференсияи илмӣ-амалии байналмилалӣ дар мавзӯи «Илми ҳуқуқшиносӣ ва амалияи он» бахшида ба Рӯзи илми тоҷик. Маърӯза дар мавзӯи: «Ба назар гирифтани манфиати оилавӣ ҳангоми муайян намудани моликияти муштараки ҳамсарон» (ш. Душанбе, 29 апрели соли 2023);

– конференсияи ҷумҳуриявии илмию назариявӣ дар мавзӯи: «Кодекси нави мадании Ҷумҳурии Тоҷикистон». Маърӯза дар мавзӯи: «Ба назар гирифтани манфиати оилавӣ ҳангоми амалисозии ҳуқуқҳои кредитории ҳамсарон тибқи Кодекси мадании Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Кодекси оилаи Ҷумҳурии Тоҷикистон» (ш. Душанбе, 16 июни соли 2023);

– конференсияи ҷумҳуриявии илмию назариявӣ бахшида ба соли «Маърифати ҳуқуқӣ» дар мавзӯи «Маърифати ҳуқуқӣ-омили тақвияти тартиботи ҳуқуқӣ ва қонуният». Маърӯза дар мавзӯи: «Реҷаи ҳуқуқии молу мулки ҳамсарон». (ш. Душанбе, 19 апрели соли 2024);

– конференсияи ҷумҳуриявии илмӣ-назариявии профессорону омӯзгорони кафедраи ҳуқуқи соҳибкорӣ ва тиҷоратии факултети ҳуқуқшиносии Донишгоҳи миллии Тоҷикистон бахшида ба «30-юмин солгарди қабули Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон» ва эълон гардидани соли 2024 «Соли маърифати ҳуқуқӣ». Маърӯза дар мавзӯи: «Доир ба баъзе масъалаҳои танзими ҳуқуқии уҳдадориҳои қарзӣ ва кредитории ҳамсарон», (ш. Душанбе, 24 апрели соли 2024);

– конференсияи ҷумҳуриявии илмӣ-амалӣ дар мавзӯи: «Конститутсия ва рушди қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон (дар асоси фаъолияти илмӣ ва амалии узви вобастаи АМИТ, доктори илмҳои ҳуқуқшиносӣ, профессор, Арбоби илм ва техникаи Тоҷикистон Раҳимзода М.З.)». Баромад дар мавзӯи: «Проблемаҳои таъмини ҳуқуқии муносибатҳои ҳуқуқи уҳдадории ҳамсарон дар манфиати оилавӣ», (ш.Душанбе, 18 октябри соли 2024).

**Интишорот аз рӯйи мавзуи диссертатсия.** Аз рӯйи мавзуи диссертатсия муаллиф 11 мақолаи илмии мазмуни проблемаҳои баррасишавандаро ифодакунанда нашр кардааст, 6 аз онҳо дар

маҷаллаҳои илмии тақризшавандаи Комиссияи Олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон нашр гардидаанд.

**Сохтор ва ҳаҷми таҳқиқоти диссертатсионӣ.** Сохтори диссертатсия бо мақсад, вазифа ва мантиқи таҳқиқот муайян карда шудааст. Диссертатсия аз муқаддима, се боби ҳашт зербобро дарбаргиранда, хулоса ва руйхати адабиёти истифодашаванда иборат аст. Ҳаҷми диссертатсия - 179 саҳифа мебошад.

**Мазмуни фишурдаи таҳқиқоти илмӣ**

Муаллиф дар муқаддимаи кори диссертатсионӣ аҳамияти мавзӯи интихобшуда ва сатҳи таҳқиқоти онро дар илми ҳуқуқи оилавии Ҷумҳурии Тоҷикистон муайян намуда, самти таҳлил ва ҷанбаи мушаххаси таҳқиқотро аниқ, ният ва самтҳои таҳқиқотро мураттаб сохта, инчунин равишҳои таҳқиқот, саҳми навоварона, арзиши назариявӣ ва аҳамияти татбиқи масъалаи баррасишавандаро нишон медиҳад. Чунин муносибат имкон медиҳад, ки на танҳо доираи таҳқиқот, балки беҳамтоии он таъкид карда шуда, саҳми муаллиф дар рушди илми ҳуқуқи оилавӣ, махсусан дар шароити нокифоя омӯхтани як қатор масъалаҳои ҳуқуқи оилавии Тоҷикистон муайян карда шавад.

**Боби якуми диссертатсия «Манфиати оилавӣ ва танзими ҳуқуқии он» ном дошта, аз ду зербоб иборат мебошад.**

Дар зербоби якуми боби якум **«Оила ҳамчун институти иҷтимоӣ ва ҳуқуқӣ»** муаллиф дар натиҷаи таҳлили адабиёти илмӣ ба хулоса меояд, ки оила ҳамчун институти иҷтимоӣ ва ҳуқуқӣ аз арзишҳо, меъёрҳо, дастурҳои иҷтимоӣ, механизми батанзимдарории ҳавасмандгардонӣ ва ҷазо, инчунин аз иттифоқи шахсони бо ҳуқуқу уҳдадориҳои аз никоҳ бамиён омада иборат мебошад.

Муқаррар карда шудааст, ки оила яке аз шаклҳои қадимтарини мавҷудияти ҷамъиятӣ буда, таърихи бойи ташаккул ва таҳаввулро дорад. Дар ин замина ташаккул ва инкишофи оилаи тоҷикон ҳамчун падидаи иҷтимоӣ-ҳуқуқӣ марҳилаҳои тӯлонии таърихиро тай кардааст. Тағйироти он ҳазорсолаҳоро дар бар мегирад: аз оилаи ҳуқуқии давраи тоисломӣ (зардуштӣ) тавассути марҳилаҳои ҳуқуқии исломӣ ва шӯравӣ то шакли муосири он - оилаи ҳуқуқии миллии тоҷикон.

Дар анъанаҳои ҳуқуқии тоисломӣ (зардуштӣ), ки тақрибан дар асри IX пеш аз милод дар ҳудуди Тоҷикистони муосир вуҷуд дошт, яке аз сарчашмаҳои асосии батартибдарории муносибатҳои оилавӣ Қонунномаи Сосониҳо буд. Дар он ба муносибатҳои ҳуқуқии марду зан аҳамияти хоса дода шуда, бунёди оила амали дорои аҳамияти баланди маънавӣ ба ҳисоб мерафт, ки ба таҳкими ахлоқии ҷомеа мусоидат мекард. Ба андешаи муаллиф ҳатто дар он замонҳо оила на танҳо ҳамчун иттиҳоди шахсӣ, балки ҳамчун унсуре, ки суботи маънавии ҷомеаро таъмин мекард, эътироф карда мешуд.

Аз ибтидои асри VII муносибатҳои оилавӣ дар давоми зиёда аз 1400 сол зери таъсири меъёрҳои исломӣ қарор гирифта, сарчашмаҳои асосии танзими он Қуръон, ҳадис, қиёс ва фатвои уламо (иҷмо) буданд. Хусусияти фарққунандаи ин меъёрҳо ба таҳкими пойдории робитаҳои оилавӣ, нигоҳ доштани пояҳои маънавию ахлоқӣ, аз қабили садоқати якдигар, масъулияти падару модар дар тарбия ва нигоҳубини фарзандон, инчунин уҳдадории фарзандон дар эҳтиром ба падару модари худ буд (М.А. Маҳмудзода).

Дар Тоҷикистони пешазинқилобӣ дар байни тоҷикон ду намуди оилаи падаршоҳӣ: васеъ (калон) ва маҳдуд мавҷуд буд. Оилаи калон ё хонаводаи муштарак, якчанд оилаҳоро, ки бо ҳам зиндагӣ мекарданд дар бар мегирифт. Дар ибтидо он аз хешон ё тавассути фарзандхондӣ ба оила қабулшуда иборат буд. Дар баробари ин, оила ба маънои маҳдуд ҳамчун иттиҳоди ба ақди никоҳ асосёфта, ки дар он фарзандони таваллудшуда бо пайванди умумии оилавӣ муттаҳид мешаванд, иборат буд. Ин сохтор ягонагии робитаҳои оилавиро инъикос мекард, ки ҳам ба ақди никоҳ ва ҳам пайдоиш асос меёфт (Н.А. Кисляков). Ба андешаи муаллиф, чунин гуногунии шаклҳои оила аз мутобиқшавии ҷомеаи Тоҷикистон ба шароити мухталифи зиндагӣ гувоҳӣ медиҳад, ки дар он оилаҳои калон ваҳдату ҳамбастагӣ ва оилаҳои маҳдуд барои аъзои алоҳида мустақилияти бештар фароҳам меоварданд.

Зикр карда мешавад, ки масъалаи мафҳуми оиларо дар қонунгузорӣ муқаррар кардан дар адабиёти ҳуқуқӣ баҳснок мебошад. Баъзеҳо тарафдори имконнопазирии дар қонунгузорӣ ифода кардани он буда (М.В. Антокольская, О.Ю. Косова), дигарон тарафдори он мебошанд (П.В. Крашенинникова, П.И. Седугина).

Дар адабиёти ҳуқуқи оилавии ватанӣ кӯшиши муайян кардани мафҳуми оила дида мешавад. Тибқи ақидаи онҳо «оила ҳамчун иттифоқи ихтиёрӣ, озод ва баробарҳуқуқи мард ва зани ба синни никоҳӣ расида, ки мақсади ташкили оила, таваллуд ва тарбияи фарзандро бо пешбурди умумӣ пайгирикунанда дошта» (М.Г. Хоҷаева) ё «иттифоқи шахсони бо ақди никоҳ ё ин ки иттифоқи зану мард ё дигар шахсоне мебошад, ки бо тариқи расмӣ ба қайд гирифта нашудаанд, хоҷагии умумӣ бурда, дорои хусусияти манфиатҳои умумӣ, аз ҷумла ба хешутаборӣ, тарбияи фарзандон, кӯмаки ҳамдигар асосёфта мебошанд» (М.Ш. Саидзода), фаҳмида мешавад.

Ба ақидаи муаллиф камбудии таърифи аввала дар он ифода меёбад, ки никоҳ ҳамчун факти ҳуқуқии бавуҷудоварандаи оила дар он дарҷ нагардида, пешбурди хоҷагии умумӣ ва манфиати умумиоилавӣ дар он ифода карда нашудааст.

Дар таърифи дуюм муаллиф оиларо ҳамчун иттифоқи зану мард ё дигар шахсон маънидод менамояд, ки новобаста аз мавҷудияти никоҳ ва бо тариқи расмӣ ба қайд гирифтан онро ташкил кардан мумкин мебошад. Чунин мафҳуми оила ба фикри мо дар шароите, ки баҳампайвастшавии ҷинсҳои якхела рушд ёфта истодааст, бо таври кофӣ асоснок намебошад. Зеро он ба анъанаҳои миллии мо мухолифат намуда, рушди муътадили оиларо дар Ҷумҳурии Тоҷикистон зери хатар мегузорад.

Зикр карда мешавад, ки айни замон қонунгузории оила, бахусус Кодекси оилаи ҶТ доираи аъзои оиларо мушаххас муайян намекунад. Омӯзиши муқаррароти Кодекси оилаи Ҷумҳурии Тоҷикистон нишон медиҳад, ки ба доираи шахсони ба оила дохилшуда на танҳо хешовандони наздик, аз қабили зану шавҳар, фарзандони онҳо, бародарон, хоҳарон, бобою бибиҳо ва набераҳо (м. 226 КМ ҶТ; м.м. 2, 95–98 КО ҶТ), инчунин аз дигар аъзоёни бо муносибатҳои махсуси ҳуқуқӣ алоқаманд иборат мебошад. Ба инҳо кӯдакони фарзандхондшуда, инчунин ноболиғони таҳти васоят ё парастории оилаҳо буда, дохил мешаванд(бобҳои 19 ва 20 КО ҶТ). Чунин муносибат кӯшиши қонунгузорро барои ба инобат гирифтани гуногунии робитаҳои оилавӣ, ки аз доираи хешӣ фаротар аст, инъикос мекунад ва чандирии низоми ҳуқуқии Тоҷикистонро оид ба эътирофи шаклҳои гуногуни муносибатҳои оилавӣ таъкид мекунад,

ки ба ҳифзи ҳуқуқҳои ҳамаи иштирокчиёни ин муносибатҳо мусоидат мекунад.

Ба андешаи муаллиф дар шароити нави рушди муносибатҳои маданӣ ва оилавӣ, бахусус зарурияти самараноки танзими ҷашну маросимҳо дар Ҷумҳурии Тоҷикистон аз муайян намудани ҳайати аъзои оила татбиқи меъёрҳои қонунгузорӣ оид ба масъалаи мазкур вобастагӣ дорад. Зеро, дар бештари мавридҳо ҷашну маросим дар доираи аҳли оила бояд гузаронида шавад. Аз ин ҷо додани мафҳуми оила дар қонунгузорӣ мувофиқи мақсад мебошад. Бо дарназардошти таҳлили андешаи олимон ва қонунгузорӣ муаллиф ба чунин хулоса меояд, ки мафҳуми оила дар Кодекси оилаи ҶТ муқаррар карда, дар шакли зерин дода шавад: «оила ҳамчун иттифоқи озод, ихтиёрона ва баробарҳуқуқи зану шавҳари ба никоҳ, хешовандӣ, таваллуди фарзандон, фарзандхондӣ ва дигар шаклҳои қабули кӯдакон барои тарбия асос ёфтае эътироф карда шавад, ки бо ҳуқуқу уҳдадориҳои молумулкӣ ва шахсии ғайримолумулкӣ, инчунин зиндагии якҷоя ва хоҷагии умумӣ бо ҳам алоқаманд мебошанд».

Муайян карда шуд, ки сарфи назар аз муқарраротн қонунгузории амалкунандаи Тоҷикистон, ки тибқи он ҳамзистии чанд нафар дар як оила метавонад барои онҳо ҳуқуқу уҳдадориҳои муайяни иҷтимоӣ ва имтиёзҳоро ба вуҷуд орад, чунин имконият танҳо ба шахсоне дахл дорад, ки субъектҳои мустақили ҳуқуқ эътироф шудаанд. Агарчанде дар шароити муосир оила воқеан соҳиби микдори зиёди моликияти хусусӣ бошад ҳам, аз нигоҳи қонун он ҳамчун як барандаи мақоми ҳуқуқӣ ба ҳисоб намеравад. Дар муносибатҳои ҳуқуқӣ зану шавҳар новобаста аз ҳамдигар амал мекунанд ва масъулият ва уҳдадориҳо ба зиммаи ҳар яки онҳо дар алоҳидагӣ ҳамчун иштирокчии муносибатҳои оилавию ҳуқуқӣ гузошта мешавад, на ба зиммаи оила ҳамчун сохтори том. Ин маҳдудияти муносибати ҳуқуқиро нишон медиҳад, ки оиларо ҳамчун субъекти дастаҷамъӣ ба инобат намегирад ва метавонад боиси душвории ҳифзи манфиатҳои умумии он гардад.

**Зербоби дуюми боби якум «Мафҳум ва моҳияти манфиати ҳуқуқии оилавӣ»** ном дошта, дар он оила ҳамчун низоми махсуси иҷтимоию ҳуқуқии дорои унсурҳои мустақил мавриди таҳлил қарор дода мешавад. Қайд карда мешавад, ки ташаккул ва таҳаввулоти муносибатҳои оилавӣ бо маҷмӯи омилҳо, аз ҷумла асосҳои ахлоқӣ,

анъанаҳо, меъёрҳои ҳуқуқӣ, зуҳуротҳои динӣ, хусусиятҳои фарҳангии миллӣ, ташаббусҳои давлат, шароити сиёсӣ ва муҳити иқтисодӣ, ки ба он таъсир мерасонад, муайян карда мешаванд. Дар баробари ин дар оила қоидаҳои иҷтимоию маънавӣ амал мекунанд, ки ягонагии манфиатҳои моддию маънавии тамоми оила ва аъзои алоҳидаи онро инъикос мекунанд. Ин манфиатҳои моддӣ (молумулкӣ) ва маънавӣ ба ҳайси пайвасткунандаи муносибатҳои байни азоёни оила хизмат мекунанд. Муқаррар карда мешавад, ки хусусияти фарқкунандаи манфиатҳои оилавӣ дар алоқамандӣ ва ба ҳамдигар вобаста будани кӯшишҳои умумии оила ва эҳтиёҷоти алоҳидаи иштирокчиёни он ифода меёбад, ки шарти ҳатмии мавҷудияти устуворӣ ва инкишофи муътадилӣ оила мебошад. Таърихи ташаккули оила аслан ҷараёни ба вуҷуд омадан ва мустаҳкам шудани манфиатҳои он мебошад, ки ба омезиши некуаҳволии моддӣ ва наздикии маънавии он асос ёфтааст. Ҳамин тариқ, манфиатҳои оилавӣ омили асосии таъмини ҳаёт ва фаъолияти оила мебошад.

Қайд карда мешавад, ки мушкилоти асосии омӯзиши категорияи «манфиат», аз ҷумла манфиати оилавӣ, ба ақидаи муаллиф, бо муайян кардани моҳияти он вобаста мебошад. Андешаи олимонро оид ба ин масъала метавон ба се самт ҷудо кард. Баъзе муҳаққиқон манфиатро ҳамчун падидаи субъективӣ (В.А. Афанасев) ё объективӣ (С.В. Михайлов), дигарон объективӣ ва субъективӣ баҳо медиҳанд (М.З. Раҳимзода). Муаллиф мавқеи гурӯҳи сеюмро қобили қабул дониста қайд менамояд, ки манфиат падидаи объективӣ-субъективӣ буда, ҳам новобаста аз шуури инсон ва ҳам дар робитаи зич бо он вуҷуд дорад. Чунин фаҳмиш имконият медиҳад, ки моҳияти манфиати оилавӣ аниқтар дарк карда шуда, дар он ҳолатҳои объективӣ бо ангезаҳои субъективӣ ба ҳам пайваста муайян карда шавад.

Муайян карда мешавад, ки дар қонунгузории оилавӣ истилоҳи «манфиат» бори аввал дар Кодекси оид ба никоҳ ва оилаи Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 1 январи соли 1970-26 маротиба ифода ёфта буд ва дар Кодекси оилаи амалкунанда 70 маротиба зикр шудааст. Ин аз афзоиши таваҷҷӯҳи қонунгузор ба ин падида шаҳодат медиҳад, ки ба андешаи муаллиф, кӯшиши пурзӯр намудани ҳифзи ҳуқуқии

манфиатҳои оиларо дар шароити тағйирёбии воқеияти иҷтимоӣ инъикос мекунад.

Зикр карда мешавад, ки мафҳуми умумии манфиат на танҳо дар илми ҳуқуқи оилавӣ, балки дар дигар соҳаҳои ҳуқуқ мавҷуд намебошад. Зери мафҳуми «манфиат» дар адабиёти илмии ҳуқуқи оилавӣ ҳуқуқҳои субъективии мушаххаси иштирокчиёни алоҳидаи муносибатҳои оилавӣ ҳамсарон, падару модарон ва фарзандон (Е.И. Гладковская, Ш.Тағойназаров), дар назар дошта мешавад. Манфиат, аз ҷумла манфиати молумулкии ҳамсарон ба воситаи фаъолияти онҳо ҳамчун субъекти ҳуқуқ амалӣ карда мешавад. Манфиатҳои молумулкии ҳамсарон вобаста ба субъектҳои манфиат ба манфиати умумиоилавӣ ва манфиати алоҳидаи аъзои оила ҷудо мешаванд. Манфиати умумии оила бояд ҳамеша аз манфиатҳои шахсии ҳар як аъзои оила бартарӣ дошта бошад. Дар сурати мухолифати онҳо бояд ба ҳамсаре, ки ба манфиати тамоми оила амал мекунад, афзалият дода шавад. Ин аз он вобаста аст, ки оила бо вуҷуди надоштани мақоми субъекти мустақили ҳуқуқ дар низоми ҳуқуқ аҳамияти худро ҳамчун барандаи манфиатҳои умумӣ нигоҳ медорад. Ин тафовут хусусияти дугонаи оиларо нишон медиҳад: аз як тараф, он мустақилияти ҳуқуқӣ надорад, аз тарафи дигар, ҳамчун объекти асосие амал мекунад, ки манфиатҳои он афзалиятро талаб мекунанд. Аз ин ҷо таҳияи консепсияи ҳуқуқие зарур аст, ки имконият диҳад ҳифзи оиларо ҳамчун субъекти манфиат таъмин намояд.

Манфиати оилавӣ мумкин аст ба манфиати қонунӣ ва ғайриқонунӣ ҷудо карда шавад. Манфиате, ки қонунгузор бо роҳи ба дорандаи он пешниҳод намудани ҳуқуқи субъективӣ ҳамчун воситаи қонеъ гардонидани он эътироф намудааст, манфиати оилавии қонунӣ мебошад. Онҳо вобаста ба воситаи аз тарафи ҳуқуқ ба танзим дароварданашон ба манфиатҳои бевосита дар меъёрҳои қонун ифода кардашуда ва ба танзим даровarда нашуда, яъне манфиатҳои аз ҷиҳати ҳуқуқӣ аҳамиятнок ҷудо мешаванд. Ҳамагуна манфиате, ки аз тарафи ҳамсарон дар натиҷаи ҳуқуқвайронкунӣ амалӣ карда мешавад, манфиати ғайриқонунӣ ҳисобида мешавад.

**Боби дуюми диссертатсия «Таъсири манфиати оилавӣ ба ташаккулёбии речаҳои ҳуқуқии молумулки ҳамсарон» ном дорад. Боби мазкур аз чор зербоб иборат аст.**

**Зербоби якуми боби дуюм ба «Реҷаи ҳуқуқии молу мулки ҳамсарон» бахшида шудааст.** Ба масъалаи мазкур дар соҳаи ҳуқуқи оилавӣ ва илмӣ диққати махсус дода нашудааст. Таҳлили таърихии масъалаи мазкур нишон медиҳад, ки то ба даст овардани соҳибистиқлолӣ ба ташаккул ва инкишофи манфиатҳои оилавӣ се оилаи ҳуқуқӣ таъсири мухталиф расонидаанд: то исломӣ (зардуштӣ), исломӣ ва шуравӣ. Вобаста ба инкишоф ва аз як оилаи ҳуқуқӣ ба оилаи ҳуқуқии дигар гузаштан, реҷаи ҳуқуқии молу мулки ҳамсарон дар робита ба он, ки манфиати оилавӣ чи гуна ва ба воситаи кадом аъзои оила амалӣ карда мешуд, аз ҳамдигар фарқ менамуданд. Дар ҷомеаи то исломӣ ва исломӣ оила аз тарафи сардори оила идора карда мешуд. Мардон нисбат ба занон ва кӯдакон дорои имтиёзҳои зиёд буданд. Дар асоси санадҳои ҳуқуқии ҳамонвақта, бахусус Қонунномаи Сосониён ва Қуръон насли оила вобаста ба тааллуқияти ӯ ба падар муайян карда мешуд. Ин гувоҳи он аст, ки дар он давра дар оила ҳукумронии падаршоҳӣ вуҷуд дошта, идораи молу мулк аз тарафи падар ва ба манфиати оила анҷом дода мешуд. Дар замони шуравӣ реҷаи ҳуқуқии молу мулки аъзои оила дар доираи санадҳои меъёрии ҳуқуқии маданӣ ва оилавӣ амалӣ карда мешуд.

Таҳлилӣ қонунгузории оилавӣ нишон медиҳад, ки муносибатҳои молумулкие, ки дар байни ҳамсарон дар оила бавуҷуд меоянд, на танҳо ба воситаи санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ, балки шартнома (созишнома) ба танзим дароварда мешаванд. Онҳо аз маҷмӯи воситаҳои ҳуқуқии гуногун иборат мебошанд. Ин маҷмӯи воситаҳои ҳуқуқии гуногун дар якҷоягӣ реҷаи меъёрии ҳуқуқии молу мулки аъзои оиларо ифода намуда, таъсири худро ба муносибатҳое паҳн менамояд, ки ба сифати объекти онҳо молу мулки аъзои оила баромад менамояд. Аз ин ҷо реҷаи ҳуқуқии молу мулки ҳамсарон қонунӣ ва шартномавӣ мешавад. Он барои танзими ҳуқуқии манфиатҳои умумиоилавии аъзои оила равона карда шуда, дар асоси он объекти мушаххасро ҳамсарон соҳибӣ, истифода ва ихтиёрдорӣ менамоянд.

Ба андешаи муаллиф реҷаи ҳуқуқии молу мулки ҳамсарон маҷмӯи воситаҳои ҳуқуқии аз меъёрҳои иҷозатдиҳанда, манъкунанда ва уҳдадорикунандаи мусбате иборат мебошад, ки имконияти истифодаи молу мулкро тибқи қонун ва (ё) шартнома

вобаста ба манфиати умумиоилавӣ ва (ё) манфиати алоҳидаи ҳар яке аз ҳамсарон ба танзим медарорад.

Ҳамин тавр, речаи ҳуқуқии молу мулки ҳамсарон аз ду унсури асосӣ иборат мебошад:

1) маҷмуи воситаҳои ҳуқуқие, ки меъёрҳои иҷозатдиҳӣ, манъкунӣ ва уҳдадориҳоро дар бар мегиранд;

2) барои танзими ягон самти фаъолияти махсус равона гардидаанд.

Дар баробари ҳамин категорияи речаи ҳуқуқии молу мулки ҳамсарон дорои аломатҳои зерин мебошад:

1) дар қонунгузорӣ ва созишнома (шартнома) муқаррар карда шуда, давлат онро таъмин менамояд;

2) мақсади он бо тариқи махсус ба танзим даровардани муносибатҳои молумулкии ҳамсарон мебошад;

3) тартиби махсуси танзими ҳуқуқии муносибатҳои молумулкии зану шавҳар ба воситаҳои ҳуқуқии ягона ва ба ҳам алоқаманд;

4) қонеъгардонии манфиатҳои субъектҳои муносибатҳои ҳуқуқии молумулкии ҳамсарон бо роҳи муҳайё кардани шароити мушаххаси мусоид.

Қайд карда мешавад, ки неъматҳои моддие (ашёҳо, ҳуқуқҳои молумулкӣ, талаботҳо), ки дар моликияти ҳамсарон мебошанд, дорои арзиши муайян ва предмети муносибатҳои мутақобилаи онҳо мебошанд. Вале речаи ҳуқуқии баъзе объектҳои ҳуқуқи оилавӣ, бахусус ҳуқуқи рақамӣ, пули рақамӣ (пули электронӣ), IP-суроға, интернет, сомона ва дигар ҳуқуқҳои молумулкие, ки дорои арзиши моддӣ мебошанд ва вобаста ба фазои маҷозӣ (Интернет) бавуҷуд меоянд, ҳамчун объекти молумулкии якҷояи ҳамсарон бо таври мушаххас дар қонунгузории оилавӣ муқаррар карда нашудааст. Ба ақидаи муаллиф муқаррар намудани онҳо дар Кодекси оилаи Ҷумҳурии Тоҷикистон метавонад бисёр масъалаҳои номуайяни тақсими молу мулки умумии ҳамсарон, аз ҷумла истифода ва ихтиёрдории онҳоро дар доираи оила ва аъзои он ба танзим дарорад.

**Зербоби дуюми боби дуюм «Манфиати оилавӣ ҳангоми амалигардонии ҳуқуқи моликияти умумии ҳамсарон» номида шудааст.**

Қайд карда мешавад, ки қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон якҷоя таъсис додани ташкилоти тиҷоратӣ ё сохтани ягон объектеро аз ҷониби ҳамсарон манъ наменамояд. Ин моликияти умумии онҳо ба ҳисоб меравад. Ҳуқуқи соҳибмулкӣ ба ҳардуи онҳо ҳамчун иштирокчӣ дар як вақт тааллуқ дорад.

Моликияти умумии ҳамсарон аз моликияти якҷоя ва ҳиссагӣ иборат мебошад. Моликияти якҷоя зану шавҳар дорои аломатҳои зерини фарққунанда мебошад:

– дар давраи никоҳ аз ҳисоби маблағҳои якҷоя ҷамъкардаи зану шавҳар ба даст оварда мешаванд;

– дар сурати мавҷудияти воқеии робитаҳои оилавӣ ва бақайдгирии расмии ақди никоҳ дар мақомоти давлатӣ ба вуҷуд меоянд;

– аз ҷониби зану шавҳар барои қонеъ гардондани эҳтиёҷоти хоҷагии умумии худ истифода бурда мешавад;

– танҳо дар ҳолатҳои пешбининамудаи қонунгузорӣ ташкил карда шуда, барои таъсиси он розигии ҳамдигарии ҳамсаронро талаб карда мешавад.

Ба андешаи муаллиф, ин хусусиятҳо вобастагии молу мулки якҷояро аз ҳамкории воқеии зану шавҳар вобаста дониста, устувории ҳуқуқии муносибатҳои онҳоро ифода намуда, бо ҳамин восита онро аз молу мулки алоҳидаи онҳо фарқ карда, барои танзими мутавозини манфиатҳои молу мулки оилавӣ дар доираи қонун замина фароҳам меорад.

Моликияти умумии ҳамсарон дар мавриди будани созишнома дар байни онҳо метавонад ҳиссагӣ бошад. Дар моликияти умумии ҳиссагӣ ҳаҷми ҳиссаи ҳуқуқи ҳар як молик муайян буда, то ҳадди ниҳоӣ доираи бархурди имконпазири ҳам манфиатҳои иштирокчиёни моликияти ҳиссавӣ ва ҳам манфиатҳои онҳо бо манфиатҳои шахсони сеюм маҳдуд мебошад.

Қайд карда мешавад, ки хусусияти асосии муносибатҳои оилавӣ-ҳуқуқӣ дар раванди бастани созишномаҳои гуногуни маданӣ-ҳуқуқӣ дар он ифода меёбад, онҳо дар шакли эътимоди мутақобилаи байни зану шавҳар амалӣ карда мешаванд. Одатан, ҳамсарон бо розигии мутақобилаи худ муносибатҳои шартномавиро ба роҳ мемонанд. Ҳангоми анҷом додани амалҳои вобаста ба идора ё бегона кардани молу мулки якҷояи бадастовардаи зану шавҳар

чунин ҳисобида мешавад, ки ӯ бо ризоияти ҳамсари дигар амал мекунад, ки ин дар қ. 2 м. 35 КО ҶТ пешбинӣ карда шудааст. Аммо худи ҳамин қисм имкон медиҳад, ки шартномаи бастаи ҳамсарон, ки бе ризоияти бевоситаи яке аз онҳо баста шудааст, мумкин аст бо талаби дигаре беэътибор дониста шавад. Чунин вазъият метавонад боиси бархӯрди манфиатҳо дар оила, махсусан байни зану шавҳар гардад.

Муаллиф чунин мешуморад, ки барои пешгирии чунин ихтилофот дар ҳуқуқи оила, зану шавҳар бояд ҳуқуқи мустақилона бастани аҳдро дар доираи ҳадди иҷозати туҳфаҳои муқаррарнамудаи Кодекси мадании Ҷумҳурии Тоҷикистон нигоҳ доранд. Ин ҳад мувофиқи м. 607 КМ ҶТ аз даҳ нишондиҳанда барои ҳисобҳо зиёд намебошад. Чунин маҳдудият метавонад озодии амали ҳар як зану шавҳарро бо зарурати ҳифзи манфиатҳои умумии оила, кам кардани хатари муноқишаҳо мувозинат кунад. Муаллиф таъкид мекунад, ки ин дар санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ ворид карда шавад, то ин ки номуайянии ҳуқуқиро аз байн бурда, устувории муносибатҳои молимулкиро дар оила таҳким бахшад. Дар баъзе ҳолатҳо ҷараёни муомилоти мадани, махсусан ҳангоми бастани шартномаҳо оид ба молу мулки ғайриманқул, инчунин аҳдҳое, ки бояд тибқи қонун бо тартиби нотариалӣ тасдиқ карда шаванд ё ба қайд гирифта шаванд, яке аз ҳамсарон метавонад хилофи манфиатҳои хамсари дигар ва манфиати умумии оила амал кунанд. Чунин ҳолатҳо осебпазирии танзими ҳуқуқии муносибатҳои оилавиро нишон медиҳанд, ки мавҷуд набудани механизмҳои дақиқи назорати амалӣ ҳар як зану шавҳар ҳангоми бастани аҳдҳо боиси номутаносибии байни манфиатҳои шахсӣ ва якҷоя мегардад, ки такмили минбаъдаи қонунгузориро тақозо менамояд.

**Зербоби сеюми боби дуюм ба масъалаҳои «Манфиати оилавӣ ҳангоми ҷудонамоии моликияти якҷоя ва моликияти шахсии ҳар кадоме аз ҳамсарон» бахшида шудааст.** Муқаррар карда мешавад, ки реҷаи амалкунандаи моликияти якҷояи ҳамсарон реҷаи умумии қонунии ба даст овардани молу мулке мебошад, ки аз ҷониби ҳар ду ҳамсар дар давраи ақди никоҳ ҷамъ карда шудааст. Ба онҳо ҳамаи молу мулки манқул ва ғайриманқули аз ҳисоби даромади умумӣ ба дастовардашуда, аз ҷумла воситаҳо аз фаъолияти меҳнатӣ ва соҳибкорӣ, натиҷаҳои фаъолияти зеҳнӣ, коғазҳои қимматнок,

саҳмҳо, ҳиссаҳо ва пасандозҳое, ки ба ташкилотҳои қарзӣ ё ба дигар ташкилотҳои тиҷоратӣ гузошта шудааст, дохил мешаванд. Ин объектҳо қисми моликияти умумии якҷояи онҳо ба ҳисоб меравад, агар дар аҳдномаи (шартномаи) никоҳи байни онҳо тартиби соҳибии дигар пешбинӣ нашуда бошад. Бар замми он молу мулки то никоҳие, ки ба яке аз ҳамсарон тааллуқ дорад ва дар натиҷаи кӯшиши якҷояи ҳамсарон ё яке аз онҳо ва саҳми онҳо арзишаш хеле зиёд шудааст, моликияти умумии якҷояи ҳамсарон эътироф карда мешавад. Ҳамин тавр, ҳамсарон дар ин ҳолатҳо дорои ҳуқуқҳои баробар нисбат ба ин дороиҳо мебошанд, агар ҷиҳати ба даст овардани он иштирок карда бошанд. Зери мафҳуми даромад дар ин маврид ҳамагуна воридоти пулӣ, моддӣ, ғайримоддӣ ё даромад аз ҳама намудҳои дигари фаъолият, молу мулк (ҳуқуқҳои молумулкӣ) ва манбаъҳои дигари воқеӣ бо таври қонунӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон, новобаста ба маҳалли пардохти он ба даст оварда шуда, фаҳмида мешавад (м. 111 КА ҶТ).

Таъкид карда мешавад, ки муқаррароти м. 34-35 КО ҶТ, ки реҷаи моликияти якҷояи ҳамсаронро ба танзим медарорад, ба ташкилоти (корхонаи) хусусии инфиродии онҳо, ки яке аз ҳамсарон таъсис додааст, паҳн намегардад. Дар ҳолате, ки агар ташкилоти хусусии инфиродӣ дар давраи ақди никоҳи ҳамсарон бо истифода аз моликияти умумии ҳамсарон таъсис дода шуда бошад, ҳамсари иштирокчӣ (муассис) набуда, нисбат ба фоидаи аз фаъолияти ташкилоти мазкур бадастомада ҳуқуқи баробари моликияти якҷояро дошта, на ҳуқуқи умумии моликиятро ба молу мулки он дорад. Фоидае, ки дар натиҷаи фаъолияти самараноки ташкилоти тиҷоратии хусусӣ ба даст оварда мешавад, фоидаи соҳибкорӣ ба ҳисоб меравад. Фоидаи зикршуда бо дарназардошти тавзеҳи меъёри қ.2 м. 34 КО ҶТ бо дигар пардохтҳои молиявӣ дар як қатор меистад. Аз ин ҷо ба чунин хулоса омадан мумкин аст, ки қонунгузор фоидаи соҳибкориро ҳамчун пардохти пулии дар натиҷаи фаъолияти ташкилоти тиҷоратии хусусӣ бадастовардашуда баррасӣ менамояд. Шоёни диққат аст, ки моликияти муштараке, ки дар натиҷаи молу мулки якҷоя эътироф кардани молу мулки ҳар кадоме аз ҳамсарон аз ҳисоби фаъолияти ташкилоти тиҷоратии хусусии инфиродӣ бавуҷуд омадааст, дорои хислати «ғайрианъанавӣ» мебошад. Ин гуногунии моликияти якҷояи ҳамсарон бо дарназардошти «ҳаёти тӯлонӣ» бо

минбаъд якҷоя ба амал баровардани ваколати молики объекти баҳсӣ аз ҷониби ҳар ду ҳамсар дар қонунгузорӣ ба ҳисоб гирифта нашудааст.

Қайд карда мешавад, ки ҳамсарон метавонанд молу мулкро дар алоҳидагӣ (шахсан) дар ихтиёри худ дошта бошанд. Ба онҳо молу мулке, ки ба ҳар яки онҳо то ақди никоҳ ва дар давраи ақди никоҳ аз ҷониби яке аз ҳамсарон ҳамчун ҳадя ва мерос ба даст оварда шудааст, дохил мешавад. Даромадҳо аз фурӯши молу мулки меросӣ, масалан хона ё ҳуҷрае, ки ба яке аз ҳамсарон то бастани ақди никоҳ таалluқ дорад, моликияти шахсии ҳамсари мазкур ба ҳисоб меравад, агарчанде ки дар вақти дар ақди никоҳ будан дар суратҳисоби бонкӣ ҳамчун пасандоз гузошта шуда бошанд. Дар ин маврид ҳам қоидаи умумии барои судҳо ҳатмӣ (м.36 КО ҶТ) ва ҳам қоидаи алтернативӣ (м.38 КО ҶТ) муқаррар карда шудааст, ки дар вақти ворид намудани объектҳои баҳсӣ ба молу мулки шахсӣ ба инобат гирифта мешавад. Аз эҳтимол дур нест, ки дар ин маврид молу мулки ҳар яке аз ҳамсарон моликияти якҷоя эътироф карда шавад (м.37 КО ҶТ). Вале ин молу мулк метавонад барои афзоиш ва қонеъ гардонидан эҳтиёҷоти оила истифода бурда шавад.

Дар асоси таҳлили м.36 КО ҶТ муаллиф ба хулоса меояд, ки дар он маҳаки иловагии дохил намудани молу мулк ба моликияти алоҳида, масалан, даромад аз аҳдҳои бемузд вуҷуд надорад. Қонунгузории маданӣ чунин ҳолатҳоро истисно намекунад, аммо ин дар моддаи зикршуда инъикос наёфтааст. Муаллиф чунин ҳисоб менамояд, ки муқаррар намудани чунин асос дар моддаи зикршудаи Кодекси оилаи ҶТ метавонад номуайянии ҳуқуқиро бартараф намуда, танзими самараноки муносибатҳои молумулкии ҳамсаронро таъмин намояд.

**Зербоби чаҳоруми боби дуюм «Ҳифзи манфиати оилавӣ ҳангоми тақсими молу мулки ҳамсарон»** номида шудааст. Қайд карда мешавад, ки бекор кардани ақди никоҳ боиси воқеан барҳам хурдани оила гардида, зарурияти тақсими молу мулки умумии ҳамсаронро бавуҷуд меоварад. Мақсади тақсим ба расмият даровардани молу мулки дар давраи никоҳ ба даст овардашуда дар асоси шартнома (созишнома) мебошад. Тақсими молу мулк тибқи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон бо ду тарз амалӣ карда мешавад. Аввало, бо созиши ҳамсарон. Баъдан, бо тартиби судӣ.

Тақсими молу мулки ҳамсарон ҳангоми зиндагии якҷоя дар асоси созишномаи онҳо анҷом дода мешавад. Вай ба ҳуқуқи маданӣ ва ҳуқуқи оилавӣ ҷудо мешавад. Созишнома оид ба тақсими молу мулки алоҳидаи ҳамсарон созишномаи ҳуқуқи маданӣ ва оид ба молу мулки якҷоя бошад ба ҳуқуқи оилавӣ тааллуқ дорад. Мақсади он ба танзим даровардани муносибатҳои молумулкии ҳамсарон мебошад. Дар асоси тартиби мазкур кафолати ҳифзи ҳуқуқу манфиатҳои қонунӣ ва молумулкии ҳамсарон таъмин карда шуда, инчунин он барои таъмини ҷараёни муътадили муносибатҳои ҳуқуқи оилавӣ равона карда шудааст.

Дар доираи созишнома на танҳо ҳуқуқҳои ояндаи молумулкӣ, балки молу мулки алоҳидаи (шахсии) ҳар яке аз зану шавҳарро, ки аз молу мулки умумии онҳо ҷудо карда мешавад, муқаррар карда мешавад. Ҳуҷҷати мазкур шакли ҳиссагӣ ё ин ки алоҳидаи моликиятро ба дороиҳои ҳангоми никоҳ ҷамъкардашуда муқаррар намуда, тартиби муқаррарии соҳибии якҷоя молу мулкро ҳангоми тақсими молу мулк тағйир медиҳад. Аз эҳтимол дур нест, ки дар шартномаи никоҳ тартиби дигари тақсими ҳамон як молу мулк, ки аз сазишномаи тақсимот фарқ дорад, пешбинӣ карда шавад. Дар натиҷа танзими ҳуқуқии молу мулки умумии ҳамсарон метавонад хусусияти дигар гирад. Ин ҳолат метавонад дар татбиқи амалии онҳо душвориҳо ба вуҷуд оварда, боиси ихтилофи байни ҳамсарон гардад. Дар ин гуна мавридҳо суд бояд шартҳои тақсими молу мулкро дар асоси тафовути байни шартномаи никоҳ ва созишномаи тақсими молу мулк муайян намояд.

Муаллиф чунин мешуморад, ки созишномаи тақсими молу мулки муштараки (якҷояи) зану шавҳарро метавон ҳамчун созишномаи «дохили оилавӣ» тасниф кард, зеро он ҳамчун қоида ба ҳуқуқҳои шахсони сеюм дахл намекунад. Ин хусусияти хоси он буда, ба танзими дохилии муносибатҳо бидуни дахолати беруна нигаронида шудааст.

Қайд карда мешавад, ки таҳаввулоти муносибатҳои иҷтимоӣ дар фазои рақамӣ тавассути Интернет боиси пайдоиши унсурҳои нави ҳуқуқҳои маданӣ гардид, ки тақсимоти даромадро аз онҳо ҳангоми бекор кардани ақди никоҳ тақозо карда, мутаносибан танзими қонуниро талаб мекунад. Ба ин унсурҳо дороиҳои рақамӣ, пули рақамӣ, асъори электронӣ, суроғаҳои IP, захираҳои интернетӣ

ва дигар ҳуқуқҳо дохил мешаванд, ки ба соҳиб на танҳо мақом, балки манфиатҳои назарраси моддӣ низ медиҳанд. Вале қонунгузории Тоҷикистон дар мавриди ҳозира ба категорияи молу мулк дороиҳоеро, ки дар фазои рақамӣ арзиши муайяни молумулкӣ доранд, дохил наменамояд. Аммо номгӯи объектҳои ҳуқуқи маданӣ, ки дар м. 136 КМ ҶТ муқаррар карда шудааст, кушода мебошад, ки ин имконият медиҳад онҳоро ба "молу мулки дигар" дохил намоем. Муаллиф чунин мешуморад, ки дар санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ нисбат ба ин даромадҳо, ки бояд дар байни ҳамсарон тақсим карда шавад, холигӣ мавҷуд мебошад. Барои ҳаллӣ ин вазифа муаллиф чунин мешуморад, ки созишнома дар бораи истифодаи чунин дороиҳо барасмият даровarda шавад ё онҳо ҳангоми бастани шартномаи никоҳ ба инобат гирифта шаванд.

Қайд карда мешавад, ки дар ҳоле ки оид ба табиати ҳуқуқии дороиҳои рақамӣ дар фазои маҷозӣ баҳс боқӣ мемонад, вазъи даромад аз истифодаи онҳо то дараҷае маълум мебошад. Кодекси оилаи Ҷумҳурии Тоҷикистон дар м. 34-35 муқаррар кардааст, ки тамоми даромадҳо, аз ҷумла даромад аз фаъолияти соҳибкорӣ ва зеҳнӣ молу мулки якҷояи зану шавҳар ба ҳисоб мераванд. Аз ин рӯ, фоидае, ки аз ҳуқуқҳои рақамӣ ба воситаи монетизатсия ё созишномаҳои рекламавӣ ба даст оарда мешавад, ҳамчун моликияти якҷояи ҳамсарон тасниф карда мешавад. Албатта, зану шавҳар метавонанд шартномаи никоҳ банданд ва бо мувофиқаи тарафайн воситаҳои молиявиро тақсим кунанд, вале қонунгузорӣ ба механизми возеҳи танзими чунин объектҳо муҳтоҷ мебошад. Набудани танзими меъёрии онҳо боиси номуайянӣ мегардад, ки онро танҳо тавассути ворид намудани тағйирот ба КО ҶТ, ки бояд хусусиятҳои дороиҳои рақамӣ ва даромад аз онҳоро ба назар гирад, бартараф кардан мумкин аст.

**Боби сеюми диссертатсия «Проблемаҳои таъмини ҳуқуқии манфиатҳои оилавӣ дар муносибатҳои ҳуқуқи уҳдадории ҳамсарон» ном дошта, аз ду зербоб иборат аст.**

**Зербоби якуми боби сеюм «Таъмини манфиати оилавӣ ҳангоми иҷрои уҳдадориҳои қарзии ҳамсарон»** ном дорад. Дар он масъалаи дар алоқамандӣ ба танзим даровардани уҳдадориҳои қарзии ҳамсарон, аз он ҷумла яке аз онҳо бо қонунгузории маданӣ, соҳибкорӣ ва оилавӣ мавриди таҳқиқ қарор дода мешавад. Қайд

карда мешавад, ки қарзҳои ҳамсарон ба қарзҳои шахсии ҳар яке аз ҳамсарон ва умумии онҳо ҷудо мешаванд. Ҳатто дар он мавриде, ки қарз аз ҷониби яке аз ҳамсарон гирифта шуда, ба манфиати умумии оила равона карда шуда бошад ҳам, уҳдадориҳои қарзӣ ба ҳардуи ҳамсарон паҳн мегардад. Қарзҳои ҳамсарон дар он вақт умумӣ эътироф карда мешаванд, ки тибқи онҳо ҳардуяшон ба сифати қарздор ҳамчун тарафи шартнома баромад намоянд. Ташаббуси бавуҷудоии чунин уҳдадориҳо аз ҳардуи ҳамсарон бармеояд, зеро шартномаҳо чун қоида ба манфиати оила ва ҳифзи ҳуқуқ ва манфиатҳои молумулкии онҳо баста мешаванд. Барои қарзро уҳдадории якҷояи ҳамсарон ҳисоб кардан дар баҳсҳои судӣ аввало, розигии ҳамсари дуюм барои бастани шартномаи кредитӣ (шартномаи қарз), баъдан, эътироф намудани эҳтимолияти умумӣ будани қарзи ҳамсарон зарур мебошад.

Муаллиф қайд менамояд, ки қонунгузории Тоҷикистон, агарчанде ки номгӯйии то дараҷае васеи объектҳои ҳуқуқи мадании ҳозиразамонро ба молу мулки умумии ҳамсарон дохил намояд ҳам, вале уҳдадориҳои қарзиро ба таври мушаххас ба ҳайси предмети мустақили тақсим дар байни ҳамсарон эътироф наменамояд. Ба таркиби молу мулки ҳамсарон метавонанд ҳам ҳуқуқи талабкунӣ (масалан, ҳуқуқ ба гирифтани қарз, суд, ҷуброни суғуртавӣ), ҳам уҳдадориҳо оид ба иҷрои қарзҳо (масалан, оид ба молу мулки ғайриманқул, қарзҳо оид ба уҳдадориҳо дар бораи расонидани хизмат ва ғ.) дохил шаванд. Доир ба масъалаи мазкур дар илми ҳуқуқшиносӣ андешаи ягона вуҷуд надорад. Баъзеҳо қарзҳоро ба таркиби моликияти умумии якҷояи ҳамсарон дохил накарда, изҳор менамоянд, ки қонун ба молу мулки умумӣ танҳо ҳуқуқҳои молумулкиро дохил менамояд (Е.А. Ламейкина, Т.М. Моисеева). Дигарон бо сабабе, ки манфиатро аз соҳибӣ ва истифодаи молу мулки умумии ҳарду ҳамсар мегиранд, қарзҳоро ба таркиби молу мулки якҷояи ҳамсарон дохил менамоянд (П.А. Ломакин, Л.М. Пчелинтсева, Н.С. Шеглова).

Қайд кардан бамаврид аст, ки ҳатто қонунгузор ба масъалаи ба таркиби молу мулки якҷояи ҳамсарон дохил намудани қарзҳо эҳтиёткорона муносибат менамояд. Ишораи бевосита дар бораи он, ки қарзҳо ба таркиби молу мулки умумии ҳамсарон дохил мешавад, дар қонунгузорӣ мавҷуд намебошад. Дар қ.2 м.34 КО ҶТ танҳо дар

бораи дороиҳои молумулкӣ сухан меравад, ҳол он, ки дар қ.4 м.39 КО ҶТ омадааст, ки қарзи умумии зану шавҳар ҳангоми тақсимоти молу мулки умумӣ дар байни зану шавҳар ба ҳиссаи баробари ба ҳар яки онҳо муқарраршуда тақсим карда мешавад. Ин аз он шаҳодат медиҳад, ки қонунгузор ғайримустақим қарзҳои умумиро ба молу мулки умумии ҳамсарон, ки бояд тақсим карда шаванд, дохил менамояд. Набудани аниқӣ боиси мураккабӣ дар татбиқи онҳо дар амал мегардад, ки ин дар оянда аниқ намудани заминаи қонунгузориро барои бартараф кардани чунини номуайянӣ талаб менамояд. Барои ҳамин пешниҳод карда мешавад, ки дар қ.2 м.34 КО ҶТ қарз ба сифати объекти мустақили тақсими молу мулки ҳамсарон муқаррар карда шавад.

Қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон қарзҳои умумии ҳамсаронро танҳо ҳангоми тақсими молу мулки умумӣ дар байни онҳо ба ҳиссаи баробари барои ҳар яке аз онҳо муқарраркардашуда тақсим мекунад (қ.4м.39 КО ҶТ). Дар моддаи мазкур эҳтимолияти хислати умумӣ доштани қарзҳои молумулкии ҳамсаронро новобаста аз оне, ки яке ё ин ки ҳарду ҳамсарон гирифаанду ба манфиати умумиолавӣ сарф карданро дар назар дорад. Барои ҳамин ҳам ба ақидаи муаллиф қарз (кредит) дар мавриде уҳдадории якҷояи ҳамсарон ҳисоб карда шуданаш мумкин аст, агар розигии ҳамсари дуюм барои бастани шартномаи кредитӣ ва умумӣ будани кредити ҳамсарон эътироф карда шавад. Вобаста ба ин ҳамсарон барои қарзҳои умумӣ дар якҷоягӣ, ҳам аз молу мулки алоҳидаи ҳар яке аз онҳо ва ҳам аз моликияти якҷоя ҷавобгар мебошанд. Чунин муносибат кӯшиши қонунгузорро оид ба баробар тақсим кардани воситаҳои молиявӣ дар байни ҳамсарон ифода карда, бо нигоҳ доштани мувозинаи ҳуқуқ ва уҳдадориҳо дар дохили оила, имконияти бо таври самаранок ҳимоя кардани манфиати кредиторон равона карда шудааст.

Қайд карда мешавад, ки баъзан ҳамсарон маблағҳои қарзиро барои пардохти ҳаққи хизмат ва қарз ё уҳдадориҳои қаблӣ истифода мебаранд. Дар ин мавридҳо байни қарз ва молу мулки гирифташуда алоқамандӣ намебошад. Аз ин рӯ, муаллиф чунин мешуморад, ки дар Кодекси оилаи Ҷумҳурии Тоҷикистон бояд меъёри махсус муқаррар карда шавад, ки низоми ҳуқуқии уҳдадориҳои қарзии зану шавҳарро, ки на ҳамеша дар натиҷаи ба даст овардани молу мулк,

балки дар давраи никоҳ ба вуҷуд меоянд, ба танзим дарорад. Вобаста ба ин ба уҳдадориҳои қарзии алоҳидаи яке аз ҳамсарон, қарзҳои яке аз ҳамсарон, ки то никоҳ ба даст овардаанд, то никоҳ кабул карда шудаанд, инчунин қарзҳое, ки барои манфиати шахсии худ қабул ва сарф карда шудаанд, дохил мешаванд. Масъулияти ҳамсари қарздор барои қарзҳо ҳам барои молу мулки алоҳида ва ҳам барои молу мулки ба ҳиссаи он дар молу мулки умумии зану шавҳар тааллукдошта ба миён меояд.

**Дар зербоби дуюми боби сеюм «Таъсири амалигардонии ҳуқуқҳои кредитории ҳамсарон ба манфиатҳои оилавӣ»** муносибатҳои ҳуқуқии уҳдадорӣ бо иштироки ҳамсари кредитор мавриди таҳқиқ қарор дода шудааст.

Таъкид карда мешавад, ки моҳияти ҳуқуқҳои уҳдадорие, ки бо иштироки ҳамсарон ба вуҷуд меоянд, дар он ифода меёбад, ки онҳо қисми таркибии ҳуқуқҳои молумулкии якҷояи зану шавҳарро ташкил медиҳанд ва дорои хусусиятҳои ба худ хос мебошад. Аз як тараф, ин уҳдадориҳоро ба маънои анъанавӣ пурра ҳамчун уҳдадориҳои ҳуқуқи маданӣ тасниф кардан мумкин нест. Аз тарафи дигар, сухан дар бораи имконияти гузоштани ҳисса ё саҳме, ки ҳангоми акди никоҳ аз ҳисоби молу мулки умумии зану шавҳар пардохта мешавад, сарфи назар аз он ки кадоме аз онҳо бевосита иштирокчии ташкилоти тиҷоратии хусусӣ, ба монанди ширкат, ҷамъият ё кооператив меравад. Ҳангоми танзими чунин муносибатҳои оилавӣ меъёрҳои қонунгузории маданӣ танҳо дар ҳолатҳое татбиқ карда мешаванд, ки дар қонунгузории оила муқаррароти дахлдор мавҷуд набошад (қ. 2 м.2 КМ ҶТ).

Муаллиф қайд менамояд, ки масъалаи ҳуқуқ ба саҳм, ҳисса ё пай дар ташкилоти тиҷоратии хусусие, ки бо истифода аз моликияти муштараки зану шавҳар ва ё саъю кӯшиши яке аз онҳо таъсис дода шудааст, мавзӯи баҳс боқӣ мемонад. Таҳқиқи адабиёти ҳуқуқӣ ва санадҳои меъёрии ҳуқуқии Тоҷикистон нишон медиҳад, ки ҳуқуқ ба ҳисса ё саҳм ҳуқуқи мустақили субъективӣ буда, метавонад ба ҳарду ҳамсарон ё ба яке аз онҳо тааллуқ дошта бошад. Соҳибӣ ин ҳуқуқ на танҳо ба неъматҳои моддӣ, балки ҳуқуқ ба идоракунии ташкилотро низ дорад. Ҳарчанд, ки ҳуқуқ ба идоракунӣ, ҳуқуқи ғайримолумулкӣ аст ва аз ҳуқуқ ба саҳм бармеояд, вале он ҳуқуқи мустақили корпоративӣ мебошад. Агар яке аз зану шавҳар муассиси чунин

ташкилот набошад, вай на танҳо аз ҳуқуқ ба ҳисса ё саҳм, балки аз имконияти иштирок дар идоракунӣ, ҳатто агар ин ҳисса (саҳм) ба моликияти умумии онҳо дохил бошад ҳам, маҳрум мешавад. Ин ба зарурати дақиқтар муайян кардани ҳуқуқҳои ҳамсарон дар чунин ҳолатҳо барои пешгирӣ аз номуайянии ҳуқуқӣ ишора мекунад.

Қайд карда мешавад, ки муносибатҳои молумулкии ҳамсарон дар заминаи ҳуқуқӣ на танҳо моликияти муштарак, балки дигар молу мулки ба онҳо тааллуқдоштаро низ фаро мегиранд. Дар шароити таҳаввули муносибатҳои иҷтимоӣ зану шавҳар бо назардошти иродаи худ метавонанд бо бастани шартномаи никоҳ хусусияти муносибатҳои молумулкиро тағйир диҳанд. Ин имкон медиҳад, ки низоми ҳуқуқии моликияти онҳо ба воқеияти нав мутобиқ буда, чандирӣ будани қонунгузории Тоҷикистонро дар танзими муносибатҳои оилавӣ ифода менамояд. Ин бевосита ба мазмуни ҳуқуқҳои кредиторие зану шавҳар таъсир мерасонад. Бинобар ин, молу мулки ҳамсарон на танҳо аз моликияти умумии якҷояи зану шавҳар, балки аз дигар ашёҳо ва ҳуқуқҳои молумулкӣ низ иборат буда метавонад. Чунки ҳамсарон дар шартномаи никоҳ метавонанд молу мулке (ҳуқуқи молумулкие)-ро, ки танҳо ба яке аз онҳо тааллуқ дошта метавонанд, пешбинӣ намоянд. Дар асоси таҳлили гузаронидашуда маълум гардид, ки категорияҳои «молу мулки якҷояи ҳамсарон» ва «молу мулки ҳамсарон» бояд аз ҳам фарқ карда шаванд. Аммо ба омехтакунии ин мафҳумҳо дар м.34 КО ҶТ роҳ дода мешавад, зеро дар қ. 2 моддаи мазкур сухан дар бораи молу мулки умумии ҳамсарон дар давоми заношуӣ меравад. Мутаассифона, чунин номуайянӣ на танҳо дар қонунгузории оилавӣ, балки дар қонунгузории маданӣ низ вуҷуд дорад. Дар асоси таҳлили кардашуда пешниҳод карда мешавад, ки дар қ.2 м. 34 КО ҶТ калимаҳои «моликияти якҷояи ҳамсарон» ба калимаҳои «молу мулки ҳамсарон» иваз карда шаванд.

Қайд карда мешавад, ки ҳисса (саҳм) дар Кодекси оилаи Ҷумҳурии Тоҷикистон ба ҳайси моликияти якҷояи умумии ҳамсарон муқаррар карда намешавад (қ.2 м.34 КО ҶТ). Вале, ба ҳамсарон ҳуқуқ дода мешавад, ки тақсими ҳисса (саҳм)-ро ҳамчун моликияти якҷояи онҳо талаб намоянд (қ.4 м.38 КО ҶТ). Таҳлили моддаҳои зикршуда, нишон медиҳад, ки дар Кодекси оилаи Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳисса (саҳм) дар сармояи оинномавии ташкилотҳои

тиҷоратии хусусӣ ҳамчун моликияти якҷояи ҳамсарон дар назар дошта мешавад. Аммо дар қ. 2 м. 34 КО ҶТ бо таври мушаххас муқаррар карда нашудааст. Ин зарурияти ворид намудани тағйиротро ба моддаи мазкур тақозо менамояд.

Қайд карда мешавад, ки дар сармояи ширкату ҷамъияти хоҷагӣ ҳисса (саҳм) барои ҳамсарон арзиши баланди молумулкӣ дорад. Ихтиёрдорӣ кардани ҳисса (саҳм) дар сармояи ташкилоти тиҷоратии хусусӣ бо розигии хомӯшонаи ҳамсари иштирокчӣ набуда, ба ақидаи муаллиф вайрон кардани кафолати манфиатҳои молумулкии он мебошад. Аз ин ҷо, зарур аст дар қонунгузорӣ гирифтани розигии ҳамсари муассис набударо барои истифодаи молу мулки умумии якҷояи онҳо бо тасдиқи нотариалӣ муқаррар карда шавад.

## ХУЛОСА

Дар ҷамъбаст хулосаҳои асосии таҳқиқот ва муҳимтарин пешниҳодҳои илмӣ ва амалӣ оварда шудаанд.

1. Дар шароити нави рушди муносибатҳои оилавӣ, хусусан бинобар бавуҷудоии зарурати таъмини самараноки амали Қонуни ҶТ «Дар бораи танзими ҷашну маросим дар Ҷумҳурии Тоҷикистон» аз муайяннамоии мафҳуми «оила» ва «ҳайати мушаххаси аъзои он» аксаран татбиқи меъёрҳои ба қонунгузории соҳаи мазкур дахлдошта вобастагӣ дорад. Мафҳуми «оила» ва «ҳайати аъзои он» ба таври мушаххас дар қонунгузории оилавӣ, аз ҷумла дар Кодекси оилаи Ҷумҳурии Тоҷикистон пешбинӣ нашудаанд. Таҳлили Кодекси оилаи ҶТ нишон медиҳад, ки ба ҳайати аъзои оила на танҳо хешовандони наздик (м.226 КМ ҶТ; м.м.2, 95-98 КО ҶТ) -падару модар, ҳамсар, фарзандон, бородару хоҳар, бобою бибӣ ва набераҳо, балки «шахсони наздик», фарзандхондшудагон ва кӯдакони зери васигию парасторӣ қарордошта (боби 19-20 КО ҶТ) низ дохил мешаванд. Аз ин ҷо дар қонунгузории оилавӣ додани мафҳуми оила ва бо таври мушаххас муайян намудани аъзои он мувофиқи мақсад мебошад [2-М].

2. Асоснок карда мешавад, ки манфиатҳои молумулкии ҳамсарон вобаста ба тааллуқият, ба ду гурӯҳ ҷудо мешаванд: манфиатҳои умумиоилавӣ ва манфиатҳое, ки ба аъзои алоҳидаи он дахл доранд. Манфиати умумиоилавӣ бояд ҳамеша аз манфиатҳои шахсии ҳар як аъзои оила бартарӣ дошта бошад. Дар сурати

мухолифати онҳо бояд ба ҳамсаре, ки ба манфиати тамоми оила амал мекунад, афзалият дода шавад. Ин аз он вобаста аст, ки оила бо вуҷуди надоштани мақоми субъекти мустақили ҳуқуқ дар низоми ҳуқуқ аҳамияти худро ҳамчун барандаи манфиатҳои умумӣ нигоҳ медорад. Ин тафовут хусусияти дугонаи оиларо нишон медиҳад: аз як тараф, он мустақилияти ҳуқуқӣ надорад, аз тарафи дигар, ҳамчун объекти асосие амал мекунад, ки манфиатҳои он афзалиятро талаб мекунанд [1-М].

3. Пешниҳод карда мешавад, ки баъзе молу мулки ҳамсарон пули рақамӣ (пули электронӣ), IP-суроға, интернет, сомона ва дигар ҳуқуқҳои молумулкие, ки дорои арзиши моддӣ мебошанд ва вобаста ба фазои маҷозӣ (Интернет) бавуҷуд меоянд, бо таври мушаххас дар Кодекси оилаи Ҷумҳурии Тоҷикистон муқаррар карда шаванд [3-М].

4. Реҷаи ҳуқуқии молу мулки ҳамсарон маҷмӯи воситаҳои ҳуқуқие мебошад, ки меъёрҳои иҷозатдиҳӣ, манъкунӣ ва уҳдадориҳои мусбатро дар бар гирифта, имконияти истифодаи молу мулкро тибқи Қонун ва (ё) шартнома вобаста ба манфиати умумиоилавӣ ва (ё) манфиати алоҳидаи ҳар яке аз ҳамсарон ба танзим медарорад [3-М].

5. Асоснок карда мешавад, ки қарзи умумии ҳамсарон новобаста аз оне ки кадоме аз ҳамсарон қарздор мебошад, моликияти якҷояи ҳамсарон мебошад. Вале дар қ.2 м.34 КО ҶТ ба сифати предмети мустақили тақсими молу мулки ҳамсарон пешбинӣ карда нашудааст. Аз ин ҷо пешниҳод карда мешавад, ки он ба ҳайси объекти мустақили моликияти якҷоя дар моддаи зикршуда пешбинӣ карда шавад [6-М].

6. Дар ширкат ва ҷамъияти хоҷагӣ ҳисса (саҳм) ба яке аз ҳамсарон метавонад на ҳамчун соҳибмулк, балки ҳамчун муассис тааллуқ дошта бошад. Аз ин ҷо ҳамсари муассис ҳуқуқ ба қисми фоидаи аз фаъолияти соҳибкорӣ ба даст овардаро дошта, ҳамсари иштирокчӣ набуда, танҳо ҳуқуқи талаб кардани қисми даромад (фоида) аз истифодаи моликияти умумии якҷояи онҳоро дорад. Ихтиёрдорӣ кардани ҳисса (саҳм) дар сармояи ширкат ва ҷамъияти хоҷагӣ бо розигии хомӯшонаи ҳамсари иштирокчӣ набуда, ба ақидаи муаллиф вайрон кардани кафолати манфиатҳои молумулкии охирон мебошад. Аз ин ҷо дар қонунгузорӣ гирифтани розигии

ҳамсари муассис набуда, ҳангоми истифодаи молу мулки умумии якҷояи онҳо бо тасдиқи нотариалӣ муқаррар карда шавад. [10-М].

7. Ҳисса (саҳм) дар Кодекси оила ба ҳайси моликияти якҷояи умумии ҳамсарон муқаррар карда намешавад (қ.2 м.34 КО ҶТ). Вале, ба ҳамсарон ҳуқуқ дода мешавад, ки тақсими ҳисса (саҳм)-ро ҳамчун моликияти якҷояи онҳо талаб намоянд (қ.4 м.38 КО ҶТ). Чунин ҳолат ба андешаи муаллиф зарурияти бо таври мушаххас дар сармояи ширкату ҷамъияти хоҷагӣ, ҳамчун моликияти якҷояи ҳамсарон муқаррар намудани ҳисса (саҳм)-ро талаб менамояд [11-М].

8. Асоснок карда мешавад, ки молу мулки ҳамсарон на танҳо аз моликияти умумии якҷояи ҳамсарон, балки аз дигар ашёҳо ва ҳуқуқҳои молумулкии онҳо низ иборат мебошад. Аз ин ҷо «моликияти умумии якҷояи ҳамсарон» ва «молу мулки умумии ҳамсарон» аз ҳамдигар фарқ менамоянд. Моликияти умумии якҷояи ҳасарон, қисми таркибии молу мулки умумии ҳамсарон мебошад. Бо дарназардошти ҳамин дар қ. 2 м. 34 КО ҶТ калимаҳои «молу мулки умумии якҷояи ҳамсарон» ба калимаҳои «молу мулки ҳамсарон» иваз карда шаванд [3,11-М].

**Тавсияҳо оид ба истифодаи амалии натиҷаҳои таҳқиқот**

Бо мақсади мукаммал гардонидани қонунгузории оилавии Ҷумҳурии Тоҷикистон вобаста ба манфиати оилавӣ дар муносибатҳои ҳуқуқии молумулкии ҳамсарон пешниҳод карда мешавад:

– дар Кодекси оилаи Ҷумҳурии Тоҷикистон мафҳуми зерини оила дода шавад:

«Оила иттифоқи озод, ихтиёрона ва баробарҳуқуқи зану шавҳари ба никоҳ, хешовандӣ, таваллуди фарзандон, фарзандхондӣ ва дигар шаклҳои қабули кӯдакон барои тарбия асос ёфтае мебошад, ки бо ҳуқуқу уҳдадориҳои молумулкӣ ва шахсии ғайримолумулкӣ, зиндагии якҷоя ва хоҷагии умумӣ ба ҳам алоқаманд мебошанд»;

– дар қ.2. м.34 КО ҶТ ҳамчун моликияти якҷояи (молу мулки умумии) ҳамсарон қарз ва ҳисса (саҳм) бо таври мушаххас пешбинӣ карда шавад;

– дар қ. 2 м. 34 КО ҶТ калимаҳои «моликияти умумии якҷояи ҳамсарон» ба калимаҳои «молумулки умумии ҳамсаро» иваз карда шаванд;

– қ.1 м.39 КО ҶТ дар таҳрири зерин ифода карда шавад:

«1. Ҳангоми тақсими молу мулки умумии ҳамсарон ва муайян намудани ҳиссаҳо дар ин молу мулк ҳиссаи (саҳми) ҳамсарон баробар эътироф мешаванд, агар дигар муқаррарот дар аҳдномаи байни ҳамсарон пешбинӣ нашуда бошад ва ба манфиатҳои оила мухолифат накунад.».

**Феҳристи интишорот аз рӯйи мавзӯи диссертатсия**

I. Мақолаҳои илмие, ки дар маҷаллаҳои илмии тақризшавандаи Комиссияи Олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон чоп шудаанд:


[1-М]. Раҳимова, Ф.М. Доир ба баъзе масоили манфиат дар муносибатҳои оилавӣ [Матн]: / Ф.М. Раҳимова // Маҷаллаи академии ҳуқуқ. – 2019. – №4 (32). – С.86-90. ISSN 2305-0535

[2-М]. Раҳимова, Ф. М. Мафҳуми оила: ҷанбаҳои ҳуқуқӣ [Матн]: / Ф.М. Раҳимова // Ҳаёти ҳуқуқӣ. – 2020. – №4 (32). – С.200-209. ISSN 2307-5198

[3-М]. Раҳимзода, Ф.М. Доир ба баъзе масъалаҳои ташаккулёбии реҷаи ҳуқуқи моликияти аъзои оила [Матн] / Ф.М. Раҳимзода // Маҷаллаи академии ҳуқуқ. – 2022. – №1 (41). – С.199-205. ISSN 2305-0535

[4-М]. Раҳимзода, Ф.М. Баъзе муаммоҳои амалисозии манфиати оилавӣ дар моликияти якҷояи ҳамсарон [Матн]: / Ф.М. Раҳимзода // Ҳаёти ҳуқуқӣ. – 2022. – №1 (37). – С.136-148. ISSN 2307-5198

[5-М]. Раҳимзода, Ф. М. Хусусиятҳои ҳифзи манфиатҳои оилавӣ ҳангоми тақсими молумулки ҳамсарон бо созиши тарафҳо [Матн]: / Ф.М. Раҳимзода // Маҷаллаи академии ҳуқуқ. – 2023. – №1 (45). – С.118-123. (ҳаммуаллиф бо М.А.Маҳмудзода). ISSN 2305-0535

[6-М]. Раҳимзода, Ф. М. Ҳифзи манфиати оилавӣ ҳангоми таъмини иҷрои уҳдадориҳои қарзии ҳамсарон [Матн]: / Ф.М. Раҳимзода // Маҷаллаи академии ҳуқуқ. – 2024. – №1 (49). -С.178-183. ISSN 2305-0535


II.Мақолаҳои илмие, ки дар дигар маҷмӯаҳо ва нашрияҳои илмию амалӣ чоп шудаанд:

[7-М]. Раҳимова, Ф.М. Оила ҳамчун институти иҷтимоӣ ва ҳуқуқӣ [Матн]: / Ф.М. Раҳимова // Ҳаёт ва қонун. – 2020. – №2. – С.163-173. ББК 67.99

[8-М]. Раҳимзода, Ф.М. Доир ба баъзе масъалаҳои манфиати оилавӣ ҳангоми иҷрои уҳдадориҳои қарзии ҳамсарон [Матн]: / Ф.М. Раҳимзода // Маводҳои конференсияи ҷумҳуриявии илмию назариявии ҳайати устодони кафедраи ҳуқуқи соҳибкорӣ ва тиҷоратии факултети ҳуқуқшиносии ДМТ бахшида ба «75-солагии Донишгоҳи миллии Тоҷикистон», «115-солагии академик Бобоҷон Ғафуров», «Соли 2023-Соли забони русӣ» ва «Соли 2025-Соли байналмиллалии ҳифзи пиряххо». – Душанбе, 2023. – С.236-247. УДК 340:338.22(076)(0575,3)

[9-М]. Раҳимзода, Ф. М. Ба назар гирифтани манфиати оилавӣ ҳангоми муайян намудани моликияти муштараки ҳамсарон [Матн]: / Ф.М. Раҳимзода // Маҷмуаи маводи II-юмин конференсияи илмӣ-амалии байналмилалӣ дар мавзуи «Илми ҳуқуқшиносӣ ва амалияи он» бахшида ба Рӯзи илми тоҷик (ш. Душанбе, 29 апрели с. 2023) // зери таҳрири д.и.ҳ., дотсент Ф.Р. Шарифзода. – Душанбе: Матбааи ВКД Ҷумҳурии Тоҷикистон, 2023. – С. 276-281. ТДУ 34:001(575.3)(063.3)

[10-М]. ]. Раҳимзода, Ф. М. Реҷаи ҳуқуқии молумулки ҳамсарон [Матн] /Ф. М. Раҳимзода// Маърифати ҳуқуқӣ омили тақвияти тартиботи ҳуқуқӣ ва қонуният". Маҷмӯи мақолаҳои конференсияи илмӣ назариявии ҷумҳуриявӣ бахшида ба соли маърифати ҳуқуқӣ, Душанбе, 19 апрели соли 2024. – Душанбе,"Дониш", 2024.-С. 170 - 180. – ТДУ 340.575.3

[11-М]. Раҳимзода, Ф.М. Доир ба баъзе масъалаҳои танзими ҳуқуқии уҳдадориҳои қарзӣ ва кредитории ҳамсарон[Матн]: /Ф.М. Раҳимзода// Маводи конференсияи илмӣ назариявии профессорону омӯзгорони кафедраи ҳуқуқи соҳибкорӣ ва тиҷоратии Донишгоҳи миллии Тоҷикистон бахшида ба «30-юмин солгарди қабули Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон» ва эълон гардидани соли 2024 «Соли маърифати ҳуқуқӣ» - Душанбе, 2024. -С.230- 236. УДК: 340:33.22(076)(0575.3)

НАЦИОНАЛЬНАЯ АКАДЕМИЯ НАУК ТАДЖИКИСТАНА

ИНСТИТУТ ФИЛОСОФИЯ, ПОЛИТОЛОГИИ И ПРАВА
ИМ. А.М. БАХОВАДДИНОВА

*На правах рукописи*

ТБК 67.99 (2 тоҷик)
ТДУ 34 (575.3)
Р – 45

Рахимзода Фируза Махмад

# СЕМЕЙНЫЙ ИНТЕРЕС В ИМУЩЕСТВЕННЫХ ПРАВООТНОШЕНИЯХ СУПРУГОВ

**АВТОРЕФЕРАТ**

Диссертации на соискание ученой степени кандидата
юридических наук по специальности: 12. 00.03-Гражданского
право; предпринимательское право; семейное право;
международное частное право.

ДУШАНБЕ-2025

Диссертация выполнена в отделе частного права Института философии, политологии и права им. А. М. Баховаддинова Национальной академии наук Таджикистана

| | |
|---|---|
| **Научный руководитель:** | **Махмудзода Махкам Аъзам** – академик НАНТ, доктор юридических наук, профессор, заслуженный юрист Таджикистана. |
| **Официальные оппоненты:** | **Имомзода Нилуфар Махмадюсуф** – заместитель Председателя Комитета по законодательству и правам человека Маджлиси намояндагон Маджлиси Оли Республики Таджикистан, доктор юридических наук, доцент;<br>**Кодиркулов Хуршед Рахмонович** – кандидат юридических наук, доцент кафедры международного права юридического факультета Таджикского национального университета. |
| **Ведущая организация:** | **Академия государственного управления при Президенте Республики Таджикистан.** |

Защита диссертации состоится «01» июля 2025 года, в 09:00 часов на заседании диссертационного совета 6D.КОА-018 при ТНУ (734025, г. Душанбе, улица Буни Хисорак, корпус 11, зал Диссертационного совета юридического факультета).

С содержанием диссертации можно ознакомиться через сайт www.tnu.tj и в Центральной научной библиотеке ТНУ (734025, г. Душанбе, проспект Рудаки, 17).

Автореферат подготовлен «____» _______ 2025 года.

**Ученый секретарь**
**Диссертационного совета,**
**кандидат юридических наук, доцент** **Кадиров Н.А.**

# ВВЕДЕНИЕ

**Актуальность темы исследования.** В Республике Таджикистан проживают более 1 578 620 [8, с.6] домохозяйств, и каждые из них в свою очередь могут состоять из одной или нескольких семей. Семья в каждом обществе является важным фактором его развития. Этот фактор – системообразующее основание для вывода о том, что семья для общества и государства не безразлична, и её защита, как основы общества, обеспечивается положениями Конституции Республики Таджикистан (ст.33). Защита семьи на конституционном уровне и признание укрепления его правовых основ в гражданском и семейном законодательстве свидетельствует о значимости его интересов. Пункт 57 Концепции развития семьи в Республике Таджикистан, утвержденной Постановлением Правительства Республики Таджикистан от 30 декабря 2015 года №801, гласит: «одной из политико-правовых основ развития семьи является разработка нормативных правовых актов и совершенствование существующего законодательства по защите интересов семьи и её членов с учетом специфики современного этапа развития общества» [10 , с. 221].

Семья как социально-правовой институт имеет свои имущественные и неимущественные интересы. Среди указанных интересов вопросы защиты и охраны имущественных интересов супругов выделяются в зависимости от особой их сложности, так как они тесно взаимосвязаны с другими отраслями права, в том числе гражданским и предпринимательским правом и их институтами, в особенности с институтом собственности, правосубъектности, займа и кредита, договором банковского депозита, кредитными обязательствами супругов, правом на наследство и т.д. Их изучение и исследование во взаимосвязи играют значимую роль для защиты интересов каждого члена семьи и общесемейных интересов, а также будет способствовать совершенствованию законодательства в этом направлении. Как отмечено в Послании Президента Республики Таджикистан, Лидера нации, уважаемого Эмомали Рахмона к Маджлиси Оли Республики Таджикистан от 28 декабря 2023 года «Об основных направлениях внутренней и внешней политики республики», «Обеспечение устойчивого и ускоренного развития страны требует своевременного и всестороннего правового

регулирования. Законодательство должно постоянно совершенствоваться и идти в ногу с политическими, экономическими, социальными и культурными реформами» [2].

В условиях развития социально – экономического общества особую актуальность приобретают проблемы, связанные с семейными интересами в имущественных правоотношенях супругов, правовое положение их совместного и раздельного имущества при выделении и разделе собственности и их имущества, а также защиты интересов семьи в кредитных и обязательственных правоотношениях супругов. Семья имеет не только общий интерес, но и состоит из отдельных интересов ее членов. Эти интересы могут различаться по качеству и содержанию, так как семья в имущественных отношениях выступает в качестве субъекта интереса, и вместе с тем она не признаётся субъектом права. В случае гармоничного развития отношений супругов их семейные интересы совпадают друг с другом, однако они и могут в некоторых случаях этому не соответствовать. Отсюда возникает необходимость изучения механизма правового обеспечения имущественных интересов супругов, которая позволяет определить и реализовать эффективные средства и методы защиты общесемейных интересов в законодательстве.

В Послании Президента Республики Таджикистан уважаемого Эмомали Рахмона «Об основных направлениях внутренней и внешней политики республики» к Маджлиси Оли Республики Таджикистан от 23 апреля 2014 года было отмечено, что «Семья как социально-правовое явление составляет основную ячейку общества, и на уровне Конституции страны для её защиты, а также для охвата матери и ребёнка особой заботой государства Правительством страны принимаются все должные меры» [1]. В этой связи, вопрос защиты семейных интересов является не только собственным интересом членов семьи, но и их общим интересом. От их защиты во многом зависит устойчивое развитие семьи, государства и общества. Поэтому, при существовании общесемейных интересов должно учитываться и необходимость его реализации и защиты, обеспечиваться на уровне правовых принципов.

Семья является социально-правовым институтом, его члены объединены взаимными правами и обязанностями по отношению

друг к другу. Такая ситуация требует необходимость обеспечения защиты целостности интересов, свойственных семье как единой системы. Однако вопрос, связанный с рассмотрением семейных интересов как самостоятельного элемента, подлежащего правовой защите, до сих пор не получил достаточного освещения в рамках научных исследований таджикского семейного права. Подобное отсутствие внимания к данной проблеме может объясняться тем, что в законодательстве Таджикистана семья воспринимается преимущественно как совокупность отдельных участников с индивидуальными правами и обязанностями, а не как единая структура, обладающая общими интересами. Вследствие этого вопрос о защите общих семейных интересов, охватывающих как материальные (имущественные), так и моральные, остается недостаточно проработанным и нуждается в более глубоком исследовании. Его теоретическое исследование позволяет нам разработать научно обоснованные выводы и предложения с целью дальнейшего совершенствования законодательства Республики Таджикистан в области защиты общесемейных интересов.

Отмеченные доводы в комплексе являются обоснованием научно-практической значимосты работы и позволяют делать вывод о недостаточной степени исследования данной проблемы в таджикском семейном праве. Это и предопределило выбор темы диссертационной работы.

**Степень изученности научной темы.** Проблемы семейных интересов в имущественных правоотношениях супругов не были расмотрены в таджикском семейном праве как предмет комплексных специальных теоретических и научных исследований. Различные аспекты семейных интересов в имущественных правоотношениях супругов, как в теоретических, так и в отраслевых исследованиях в российской науке семейного права были подвергнуты изучению, например, в научных трудах Э.Я. Гладковской [13, 202 с], Ю.Г. Долгова [14, 178 с], О.Ю. Ильиной [3, 192 с], Т.В. Шершень [22, 202 с.] и других ученых.

В Республике Таджикистан отдельный научный анализ по данному вопросу не проведен, а научное исследование некоторых проблем семейных интересов в имущественных правоотношениях супругов были проведены такими учеными, как Ф.М. Аминова [11,

